آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

21 майи соли 2022
Шанбе
№ 41 (14846)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ЗИЁД НАМУДАНИ МИҚДОРИ МУЗДИ МЕҲНАТ

Бо мақсади васеъ намудани домани чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти аҳолӣ ва ҳам зуд афзоиш додани даромади шаҳрвандон:

1. Аз 1 июни соли 2022 миқдори музди меҳнати ходимони ташкилотҳои буҷавӣ 12 фоиз зиёд карда шавад.

2. Аз 1 июни соли 2022 дар ҳудуди Ҷумҳурии Ўзбекистон:

миқдори ҳадди ақалли музди меҳнат – моҳе 920 000 сўм;

миқдори ҳисоби базавӣ – моҳе 300 000 сўм муайян карда шавад.

3. Харҷе, ки ба зиёд намудани миқдори музди меҳнати ходимони ташкилотҳои буҷавӣ вобаста аст, аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатӣ сарпур карда шавад.

Ба кордиҳандагон тавсия карда шавад, ки миқдори музди меҳнатро бинобар кам набудан аз ҳадди ақалли миқдори маош, ки дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ муайян карда шудааст, таъмин намоянд, миқдори музди меҳнатро мувофиқан ба ҳадди ақалли миқдори музди меҳнат зиёд намудан тавсия карда шавад.

4. Вазорати молия, Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Телерадиокомпанияи миллии Ўзбекистон, Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ мақсади Фармони мазкур, вазифаҳои он ва натиҷаҳое, ки аз вай интизор меравад, дар воситаҳои ахбори оммавӣ, Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ равшан намуданро ташкил намоянд.

5. Банди дуюми Фармон ФП-6279-и Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 17 августи соли 2021 «Дар бораи зиёд намудани миқдори музди меҳнат, нафақа, стипендия ва кумакпулиҳо» аз эътибор соқит карда шавад.

6. Вазорати молия якҷоя бо вазорат ва идораҳои манфиатдор дар муддати ду моҳ дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, ба Девони Вазирон пешниҳодот тақдим намоянд.

7. Масъули таъмини иҷрои Фармони мазкур ва ҷавобгари шахсӣ вазири молия Т. А. Ишметов муайян карда шавад.

Муҳокимаи иҷрои Фармон, мувофиқат ва назорат намудани фаъолияти ташкилотҳои масъул барои иҷро ба зиммаи ҷонишини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Ҷ. А. Қўчқоров гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*20 майи соли 2022.*

*Фикри депутат*

*Лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз»:*

## ХАЛҚИ МО ИН ТАШАББУСИ НАҶИБРО ДАСТГИРӢ МЕКУНАД

***Дар урфият мегўянд «Аз нек боғ мемонад». Аз он, ки ҳаёт аз неъматҳои бузурги ба инсон додашуда аст, инсони ба қадри он расида, зиндагии худро бо корҳои ибратомўз, аз қабили кор кардану бунёд кардани боғҳое, ки дасторхонро пур мекунад, зинат медиҳад.***

Мо дар бораи зарурати бунёди боғ, аниқтараш дарахтон, гази карбонати заҳролудро ба оксигене, ки нафас мекашем, табдил медиҳад ва дар рўзҳои гарм моро бо сояву салқинӣ таъмин мекунанд, бисёр ҳарф мезанем. Вале мо масалан, дар бобати пешгирӣ кардани эрозияи замин, ки дарахтон роли калон мебозанд, чандон фикр намекунем.

Дар ҳоле ки тўфону обхезиҳои дар натиҷаи тағйирёбии иқлим зуд-зуд рўй додаистода қабати аз моддаҳои ғизоӣ бойи хокро шуста мебаранд, дарахтон онро ҳифз намуда, заминро бо моддаҳои ғизоии иловагӣ бой мегардонанд.

Дар мамлакатамон ба ҳифзи экология ва муҳити зист, васеъ намудани маконҳои сабзу хуррам, самарабахш гардондани фаъолияти ташкилотҳои мутасаддӣ дар сатҳи сиёсати давлатӣ эътибор дода мешавад. Барои боз ҳам самараноктар ташкил намудани фаъолияти ташкилотҳои масъул дар соҳа бисёр фармону қарорҳои Президент, барномаву стратегияҳои давлатӣ ба тасвиб расидаанд.

Алалхусус, дар Стратегияи ҳифзи гуногунии биологии ҷумҳурӣ барои солҳои 2019-2028 зиёд кардани майдони минтақаҳои табиии муҳофизатшаванда аз 7 то 12 фоиз пешбинӣ шуда бошад, дар консепсияи рушди сохтори хоҷагии ҷангал то соли 2030 вазифаҳои васеъ кардани майдони заминҳои фонди ҷангал аз 11,2 миллион гектар то ба 14 миллион гектар муайян карда шудааст.

Тибқи «харитаи роҳ» ҷиҳати татбиқи ин стратегияву консепсияҳо корҳои бузург анҷом дода мешаванд. Дар давраи гузашта ба таври илова 1,7 миллион гектар минтақаи муҳофизатшаванда бунёд гардида, дар доираи барномаи «Баҳри Арали сабз» дар 742 ҳазор гектар бешазори сабз, дар гирду атрофи шаҳрҳои Нуқус, Урганч ва Хева боғҳои «Камарбанди сабз» барпо карда шуданд.

Қобили зикр аст, ки дар доираи лоиҳаҳои «Макони сабз» ва «40 рўзи долузарб», ки тирамоҳи соли гузашта шурўъ шуда буд, дар саросари кишвар 85 миллион бех дарахту бутта, баҳори соли ҷорӣ бошад, беш аз 125 миллион бех ниҳол шинонда шуд.

Майдонҳо ва боғҳои сабз ҳар қадар зиёд бошанд, аҳолӣ ба он андоза истироҳат мекунад. Сабзу хуррамӣ, ки бо табиат ҳамоҳанг аст, табъро болида месозад. Муҳим он аст, ки ҳавои тоза ба саломатӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ин маънои онро дорад, ки бояд иштироки натанҳо намояндагони соҳа, балки ҳар як шаҳрванди ин кишвар дар татбиқи ин лоиҳа қарзи инсонӣ бошад.

Хулоса, дар ҳифзи табиат, муҳити зист ҳар яки мо бояд пеш аз ҳама дар назди худу наздикон, наслҳои оянда масъулиятро ҳис кунем. Ҳар як ниҳоли имрўз шинондашуда фардо дарахти калон мешавад. Даҳҳо, садҳо, ҳазорҳо дарахтон ҷамъ шуда, ҳавоеро, ки мо нафас мекашем тоза карда, хокро ҳамчун манбаи ғизо мустаҳкам месозад.

**Моҳира ХЎҶАЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**




*Дар маҷмўи намоишгоҳҳои марказии “Ўзэкспомарказ”-и пойтахт намоишгоҳи байналхалқии соҳаи энергетика кори худро анҷом дод.*

*Дар он намоишгоҳҳои байналхалқии “OGU 2022 – Нафту гази Ўзбекистон”, “Power Uzbekistan – Энергия, захираи энергия, энергетикаи атом, манбаъҳои энергияи муқобил” ва “GETCA 2022 – Технологияи энергияи сабз” имкониятҳои худро тақдим намуданд. Дар чорабинии мазкур, ки аз ҷониби ширкати намоишгоҳҳои байналхалқии “Iteca Exhibitions” ва Вазорати энергетикаи ҷумҳурӣ, Вазорати инвеститсия ва савдои беруна, Ҷамъияти саҳҳомии “Ўзбекнефтгаз”, Кумитаи давлатии экология ва ҳифзи атрофу муҳит ташкил карда шудааст, аз 15 мамлакат 173 ширкат иштирок карданд.*

*Корхонаи “Чирчиқмаш”-и вилояти Тошканд маротибаи чорум дар ин намоишгоҳ ширкат варзид. Назар ба гуфтаи менеҷери корхона Регина Абдулменова, дар чунин намоишгоҳҳо бо маҳсулоти худ иштирок намудан аҳамиятнок аст.*

***Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.***

*Фикри депутат*

## БЕҲТАРИН МАҲСУЛОТИ ФУРЎХТАШУДА АЗ МАЙДОНҲОИ АСОСИИ БИРЖА ҶОЙ МЕГИРАНД

***Дар мамлакатамон ба ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии замонавӣ, ба рушди муҳити рақобати солим ва афзоиши дараҷаи шаффофият дар савдои биржа корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мегарданд.***

Зеро биржа, дар ҷойи таъин, вақти пешакӣ муайяншуда ва қоидаҳои дарамал ба ташкил ва баргузор намудани савдои кушод ва оммавии маҳсулоти биржа шароити мусоид фароҳам меоварад.

Савдо дар биржа рақобатро ташаккул дода, барои соҳибкорон бозорҳои навро мекушояд, “иқтисоди пинҳонӣ” ва коррупсияро барҳам медиҳад.

Рақобат барои ҳама ва дар ҳама ҷой лозим аст. Агар рақобат набошад, саъю кўшиш ва тараққиёт низ намешавад. Баробари рушди рақобат тарзи зиндагонии аҳолӣ низ рўй ба беҳбудӣ меоварад.

Дар натиҷаи ислоҳоте, ки дар соҳа се соли охир дар мамлакатамон амалӣ мегарданд, гардиши савдои биржа ду баробар зиёд шуда, ба 90 триллион сўм расид, шумораи маҳсулоти фурўхташуда 3 баробар зиёд гардид. Баробари ҳамин, дар хориҷа 20 майдончаи савдои биржаи ашёи хоми Ўзбекистон ташкил шуда, моҳи чаҳоруми соли ҷорӣ тариқи онҳо ба миқдори 170 миллион доллар маҳсулот ба фурўш рафт.

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки ба наздикӣ таҳти сарварии Президентамон бахшида ба масъалаи васеъ гардондани савдои ашёи хоми биржа ва иштироки корхонаҳои маҳаллӣ дар он баргузор шуд, ин масъала муҳокима гардида, дар назди мутасаддиён вазифаҳои муайян гузошта шуд.

Дар ҷамъомад андешаҳо оиди дар савдо зиёд будани “миёнаравҳо” дар солҳои пеш, соли гузашта аз ҳисоби савдои озоду кушоди биржа барилова 8 триллион сўм даромад гирифтани корхонаҳои бузург иброз дошта шуд.

Аммо, ба ин нигоҳ накарда, дар ташкили корҳои савдои биржа ва васеъ гардондани иштироки соҳибкорони маҳаллӣ дар он то ҳол камбудиҳо ба назар мерасанд. Бахусус, 85 фоизи савдои биржаро 45 навъ маҳсулоти баланди ликвиддор ташкил медиҳад. Маҳсулоти бофандагӣ, абрешим, чарм ва кабел, бахусус, нишондиҳандаи корхонаҳои вилоятҳои Сирдарё, Андиҷон ва Сурхондарё дар савдои биржа паст мебошад.

Дар ҷамъомад зарурияти фаъолгардонии ноҳияҳо бобати гузоштани маҳсулоти маҳаллӣ дар савдои биржа, аз 1-уми июл тариқи савдои биржа ба фурўш баровардани 500 ҳазор тонна гандум таъкид гардид, вазифа гузошта шуд, ки дар ташкили ин ҷараён, фермер ва боркашонро бояд аз рўйихат гузаронида, ба онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Аз фермерҳое, ки гандумро ба биржа мегузоранд, гарав талаб карда намешавад. Аз тарафи биржа ба маҳсулоти фурўхташуда дар як рўз пардохт амалӣ гардонда мешавад. Ин барои васеъ гардондани иштироки ноҳияҳо дар биржа имконияти хуб мебошад.

Ҳоло зиёда аз 45 ҳазор корхонаи маҳаллӣ фақат 3600-тоаш ба биржа маҳсулоти худашро мебарорад. Албатта, ин хеле кам аст. Аз ин рў, тартиби ба савдои биржа баровардани маҳсулоти маҳаллӣ сода гардонда мешавад. Яъне аз 1 июл дар биржа секторҳои алоҳидаи маҳсулоти ояндадор ташкил гардида, дар он савдои маҳсулоти худи соҳибкорони маҳаллӣ бидуни ҳуҷҷатҳои зиёдатӣ ба роҳ монда мешавад. Маҳсулоти хуб ба фурўшрафта дертар аз майдони асосии савдои биржа ҷой мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки усули самарабахши нигоҳдории нархҳои муътадил дар бозорҳои амвол истифода аз механизм ва воситаҳои худи бозор аст. Савдои биржа бошад, ин вазифаро ба зиммаи худ мегирад.

Бино ба ин, савдо дар ашёи хоми биржа дар асоси тамоюлҳои кушод ва шаффоф баргузор шуда, нархҳо фақат аз рўйи талаб ва таклиф ташаккул меёбанд. Ин бошад, ба истифодабарии соҳибкорон аз захираи маҳсулот, ташаккули нархҳои бозори ҳақиқӣ ва рушди рақобати солим хидмат мекунад.

Хулоса, дар ҷамъомад вазифаҳои хеле муҳим пеш гузошта шуд. Иҷрои он, бешубҳа, дар ташаккули савдои биржа, васеъ гардондани иштироки соҳибкорони маҳаллӣ дар он, кушодани бозорҳои нав барои соҳибкорон, коҳиш додани “иқтисодиёти пинҳонӣ” ва барҳам хўрдани ришвахўрӣ хидмат мекунад.

**Абдулло РЎЗМЕТОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ОИЛАИ ХУШБАХТ, МУСТАҲКАМ ВА АҲЛ АСОСИ ФАРОВОНИИ МО

***Оила барои ҳар яки мо такягоҳи боварнок ва манбаи мадад шуда омадааст ва ҳамеша ҳамин тавр хоҳад монд, он бахти модарӣ ва падарӣ ҳадя менамояд, хулқу атвор ва арзишҳои ҳаётии насли ҷавонро тарбия сохта ва ташаккул мебахшад, дар тараққиёти ҷамъият, тарбияи ҷавонон ва дастгирии авлоди куҳансол аҳамияти дараҷаи аввал касб менамояд.***

Дар арафаи Рўзи байналхалқии оила Маркази омўзиши фикри ҷамоатии ҷумҳуриявии «Ижтимоий фикр» таҳти мавзўи «Ўзбекистониён дар бораи оила: тасаввур ва устувориҳо» пурсуҷўи телефонӣ гузаронд. Дар он аҳолии ҳамаи ҳудудҳои ҷумҳурӣ, мардон ва занон, пиру ҷавон, сокинони шаҳру деҳот иштирок карданд.

Дар мамлакатамон масъалаҳои мустаҳкамсозӣ ва рушди институти оила, арзишҳои оилавии анъанавӣ, ҳифзи солимии модар ва тифл, пуштбонии иҷтимоии оилаҳо, рағбатноксозии рушди демографӣ ва баланд бардоштани фаровонии оила, таҳкими салоҳияти тарбияи оилавӣ, беҳсозии муҳити маънавию ахлоқии оилаҳо яке аз самтҳои устувори сиёсати давлатӣ ҳисоб меёбад.

Пурсуҷўи фикри ҷамоатӣ ба ҳар як инсон арзиши асосӣ будани оиларо тасдиқ менамояд. Ба шаҳрвандон оиди фаъолнокии ҳаётӣ, иҷрои кори бомуваффақият, бартарафсозии душвориҳо ва забти марраҳои баланд кумак мерасонад.

Дар тафаккури иҷтимоии ўзбекистониён асоси ҷамъият ва давлат будани оила ифода ёфтааст. Назар ба фикри аксарияти аҳолӣ таъмини яклухтии ҷамъият ва давлат, мустаҳкамсозии он, гузоштани пойдевори мустаҳкам дар таъмини осудагию фаровонии мамлакат мақсади асосӣ ва вазифаи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Дар рафти пурсуҷў шаҳрвандон таъкид сохтанд, тавассути оила ивазшавии авлод рўй медиҳад, инсон ба дунё омада ва наслашро идома мебахшад, тарбияи бачаҳо дар зинаи аввал, ғамхорӣ ба пиронсолону ниёзмандон барин вазифаҳои олиҷаноб ба амал мебарояд.

Таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти гузарондашуда дастгирӣ ёфтани оила аз ҷониби давлат, самаранокии таъмини фаровонии оилавӣ, аз ҷумла, офаридани шароитҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию психологиро тасдиқ намуд. Ба саволи «Ба фикри шумо, солҳои охир институти иҷтимоии оила дигаргун гашт?» ҳар респонденти дувум «оила мустаҳкам гашт ва боз ҳам барқарор гардид», гўён ҷавоб дод. Ба ақидаи шаҳрвандон, ба ҳамаи ин аз ҷониби давлат баланд бардоштани дараҷаи зиндагии оилаҳо, фаровонии шаҳрвандон, дастгирии арзишҳои оилавӣ дар ҷамъият, тарғиби фаровонии оила, пурзўрсозии чораҳои дастгирии оилаҳои ҷавон, рушди инфрасохтори иҷтимоии хидматрасонӣ ба оилаҳо, кумаки психологӣ ва тиббӣ ба хонадон, ба амал баровардани лоиҳаҳое, ки ба ҷорӣ сохтани сиёсати иҷтимоии нав нигаронида шудаанд, кумак мерасонад.

Барпои оила ҷараёни масъулиятнок ва мураккаб буда, дар аксарият ҳолот дар симои он муносибатҳои ҳамоҳангу мустаҳкамро офаридан мумкин, дар баъзе ҳолатҳо ин тавр намешавад. Мутахассисони маркази «Ижтимоий фикр» барои офаридани оилаи бахтнок ва фаровон зарурияти ин гуна шароитҳоро тавассути пурсуҷў аниқ сохтанд. Мувофиқи маълумотҳои расида, иштирокдорони пурсуҷў бовар доранд муҳаббат ва ҳурмати байниякдигарии зану шавҳар, «якҷо ҳаёт гузарондан, паҳлў ба паҳлў бартарафсозии мушкилот ва ҳисси хурсандии онҳо аз ғалабаи умумӣ» асоси оила ҳисоб меёбад. Респондентҳо, айни замон, барои барпои оилаи мустаҳкам зарурияти мустақилияти молиявии зану шавҳарро таъкид сохтанд. Ҳамчунин гуфта гузаштанд ҳамоҳангии маънавии ҷавонон, нуқтаи назари ҳаётӣ ва арзишҳои он, дараҷаи иҷтимоию маълумот, монандии аҳволи моддии зану шавҳар ба таҳкими робитаҳои оилавӣ таъсири эҳсосшаванда мерасонад. Назар ба нишондоди натиҷаи пурсуҷўҳо, барои нигоҳ доштани оила ба манзили доимии алоҳида соҳиб будан, солимии ҷисмонии зану шавҳар, қобилияти фарзанди солим дидан муҳим мебошад. Дар тадқиқот таҳти назари ўзбекистониён аниқ шуд, ки чи гуна оиларо бахтнок ва фаровон гуфтан мумкин. Ҷавобҳои аз респондентҳои гирифташуда ҳаминро нишон дод, дар оилаи бахтнок ва фаровон ҳамдигарфаҳмии аъзо, омодагӣ ба кумак, муҳаббати тарафайн, кушодадилӣ ва бахшояндагӣ, фаровонии моддӣ, мавҷудияти муҳити осудагӣ ва хайрхоҳӣ чизи асосӣ мебошад.

Назар ба натиҷаҳои пурсиш, 47,1 фоизи иштирокдорон оилаҳои анъанавӣ буда, дар онҳо мард саробони оила ҳисоб меёбад, ҳуқуқи қабул кардани қарори охирин оиди масъалаҳои асосии оилавии ба ҳар як узв мутааллиқ ба вай вобаста мебошад. Мард ба буҷаи аҳолӣ ҳиссаи асосиро ҳамроҳ месозад, захираҳои моддии онро тасарруф менамояд, низоъҳои байни аъзои оиларо ҳал мекунад. Дар оилаи Ўзбекистон тақсимшавии вазифа ва ўҳдадориҳо низ ба навъи анъанавии оила мувофиқ меафтад, дар он мард ҷиҳати моддии оиларо таъмин менамояд, зан ба тарбияи фарзанд машғул мешавад, барои аъзои оила шароити мусоиди зиндагӣ меофарад.

Алоҳида таъкид кардан зарур аст, ки дар мамлакат ҷараёни демократикунонии муносибатҳои оилавӣ рўй медиҳад, аз се як қисми оилаҳо муносибатҳоро дар асоси баробарҳуқуқии зану шавҳар барпо менамоянд, масъулият барои оиларо баробар ба зимма мегиранд, қарорҳои муҳим оиди оила ва аъзои онро якҷо қабул менамоянд, ба буҷаи оила ҳамроҳ ҳисса мегузоранд, дар тақсими он якҷоя машғул мешаванд.

Аксарияти мутлақи ўзбекистониён, яъне 94,2 фоиз дар фикри он ки мазмуни асосӣ ва қадрияти оилавӣ иборат аз ба дунё овардани фарзандон ва тарбияи онҳо мебошад. Тавре респондентҳо бовар доранд, ҷиҳати офаридани шароитҳо дар рушду тарбияи фарзандон падару модар ба дараҷаи баробар бояд масъулият ҳис намоянд, таълим ва тарбияи хуб додан, офаридани шароити мусоиди зист бошад, бояд самти асосии масъулияти волидон дар назди фарзандҳо қарор гирад. Падару модарон дар фарзандони худ, аввало, эҳсоси меҳру муҳаббат, оқибат ва шафқат, садоқат ба Ватан, якдигарфаҳмию ҳурмат, масъулият, қадр сохтани шаъни худро бояд тарбия намоянд, бовар доранд пурсидашудагон. Респондентҳо ба бачаҳо омўзондани соҳибкорӣ, ривоҷи саъй ба меҳнат, таълим ва дониш барин фазилатҳоро муҳим меҳисобанд.

Умуман гирем, назар ба нишондоди пурсиши телефонӣ, оила барои ўзбекистониён арзиши ноёб ва бемонанд ҳисоб ёфта, шаҳрвандон ҳаёти худро бе оила, меҳру муҳаббат, бачаҳо, муносибатҳои занушавҳарӣ ва муносибатҳои хешутаборӣ тасаввур карда наметавонанд. Назар ба фикри ҷамоатчигӣ, оила арзиши асосии ҳаётӣ, пойдевори ахлоқии ҷамъият, чашмаи маънавиёт, нигоҳдорандаи анъана ва урфу одатҳои миллӣ, институти муҳими иҷтимоии таъмингари тарбияи авлоди муносиб ва таҷрибаи иҷтимоиро ба авлодҳо дастраскунанда шуда мемонад.

**Маркази омўзиши фикри ҷамоатии ҷумҳуриявии «Ижтимоий фикр».**
**ЎзА.**

# ТОШКАНД – МИЗБОНИ ҶАЛАСАҲОИ ВАЗИРОНИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ СҲШ

***Дар меҳмонхонаи “Hilton Tashkent City” вохӯрии роҳбарони маъмуриятҳои сайёҳии кишварҳои узви СҲШ баргузор шуд. Он дар формати гибридӣ таҳти унвони “Марҳилаи нави ҳамкориҳои кишварҳои узви СҲШ: сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ” ба вуқӯъ пайваст.***

Дар он роҳбарони маъмуриятҳои сайёҳии кишварҳои узви СҲШ иштирок карданд.

Ҳадафҳои асосии нишасти Тошканд таҳкими ҳамкориҳои сайёҳӣ, эътимод, дӯстӣ ва ҳамсоягии неки байни давлатҳои аъзо, инкишоф додани ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, мустаҳкам намудани сулҳу амонӣ, нигоҳдорӣ ва ҳифзи объектҳои фарҳангию таърихӣ, инчунин пешбурди иқтидори сайёҳии кишварҳои узви СҲШ арзёбӣ гардид.

– Ҳар сол шумораи бештари давлатҳо рушди соҳаи сайёҳиро як бахши муҳими иқтисоди миллӣ ва ангезаи стратегии афзоиши рақобатпазирии давлат мешуморанд. Дар як муддати кӯтоҳ теъдоди кишварҳои бидуни раводид бо Ӯзбекистон аз 9 ба 92 афзоиш ёфт. Рушди минбаъдаи робитаҳои сайёҳӣ бо кишварҳои СҲШ барои мо яке аз самтҳои афзалиятнок хоҳад буд,– изҳор намуд вазири туризм ва мероси фарҳангии Ӯзбекистон Азиз Абдуҳакимов.

Фазои СҲШ, ки 44 дарсади аҳолии сайёраро фаро мегирад, як бозори бузурги сайёҳиро ташкил мекунад. Аммо ҳанӯз иқтидори он пурра мавриди истифода қарор нагирифтааст. Дар соли 2019 ҳудуди 250 миллион сайёҳ аз кишварҳои СҲШ барои истироҳат ба кишварҳои хориҷӣ рафтаанд. Аз Ҳиндустон ин теъдод 27 миллион, аз Чин 155 миллион, аз Ӯзбекистон 1,7 миллион, аз Қазоқистон 206 ҳазор, аз Тоҷикистон 31 ҳазор, аз Русия 20 миллион нафарро ташкил мекунад.

Дабири кулли СҲШ Чжан Минг аз тариқи онлайн дар вохӯрӣ иштирок намуд.

– Барои ин тамоми шароити зарурӣ мавҷуд аст. Дар ин замина, мехоҳам аҳамияти робитаҳои доимӣ ва мустақими сохторҳои моро барои иҷрои тавофуқномаҳо ва вазифаҳое, ки сарони давлатҳоямон ҷиҳати пешбурди шарикии бисёрҷанба дар доираи СҲШ ба миён гузоштаанд, таъкид намоям,– гуфт Чжан Минг.

Тавре ки Азиз Абдуҳакимов тазаккур дод, дар чаҳорчӯби соҳибкории оилавӣ барои барпо намудани пазироии меҳмонон дар хонаву ҳавлиҳо, юрта ва экохона, фароғатгоҳҳои хаймавӣ давлат кредитҳо ихтисос додааст. Дар баробари ин, барои дар канори шоҳроҳи сайёҳии 31 ноҳия ва шаҳри Ӯзбекистон бунёд намудани корвонсаройи воситаҳои нақлиётӣ, кемпинг, автосервис, нуқтаҳои хӯрокхӯрӣ ва газу сӯзишвори фурӯшӣ чораву тадбирҳои мушаххас пиёда карда мешаванд.

Гузашта аз ин, аз 1 сентябр барои 15 фоизи нархи чиптаҳои ҳавопаймоҳо, роҳи оҳан ва автобусҳо, 20 фоизи нархи меҳмонхонаҳо, 50 фоизи чиптаҳои осорхонаҳо ва объектҳои маданӣ низоми “кешбек” ҷорӣ карда мешавад.

Дар ҳошияи ҷаласа ҷонибҳо лоиҳаи Ёддошти тафоҳуми байни мақомоти ваколатдори давлатҳои аъзои СҲШ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи осорхонаҳоро, ки бо ташаббуси Ӯзбекистон пешниҳод шудааст, тасдиқ намуданд.

Тавофуқ ҳосил гардид, ки ҷаласаи 20-уми вазирони фарҳанги кишварҳои узви СҲШ дар соли 2023 дар Ҳиндустон баргузор хоҳад шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

***Имсол дар 1126 маҳаллаи вилояти Самарқанд интихоботи раисони маҳаллаҳо муташаккилона мегузаранд.***

# ҶОМАИ БОМАСЛИҲАТ КӮТОҲ НАМЕОЯД...

Маҳаллаи ба номи Мирзо Улуғбеки ноҳияи Самарқанд навтаъсис буда, ҳоло дар қаламрави он қариб се ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ ба сар мебаранд.

Рӯзи гузашта дар маркази гузар барои интихоби раиси маҳалла вакилон ҷамъ омаданд.

– Мувофиқи тартибот ва қонунҳо беш аз 200 нафар вакил ба ҷамъомад омаданд, – гуфт раиси гурӯҳи корӣ оид ба интихобот Ӯткур Зиёев.

Ду нафар номзад – Комил Сулаймонов ва Илҳом Сафаров ҳозиронро бо дастурҳои худ оиди нақшаи оянда барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии маҳалла шинос намуданд.

Бояд таъкид намуд, ки аз рӯи натиҷаҳои интихобот Комил Сулаймонов 170 овоз гирифта пирӯз шуд.

– Сипосгузор ҳастам аз ҳозирон, ки ба ҷонибдории ман овоз доданд, – иброз дошт амини деҳа Комил Сулаймонов, – лекин фаромӯш набояд кард, ки паррандаҳо бо қаноташон, инсон бо дӯстон ва ҳамфикронаш ба мақсад мерасад.

Халқи мо мақоли «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд»-ро беҳуда истифода намебаранд, ки ба он амал намудан ҳам қарзу ҳам фарз мебошад.

Инчунин, дар тадбир вакили ноҳияи Самарқанд Саид Мардонов, собиқадори таълими халқи вилоят Сайёра Ҳусейнова, собиқадори меҳнат Светлана Егорова ва дигарон ба минбар баромада, ба фаъолияти ояндаи амини деҳа комёбиҳо таманно намуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# МАКОНИ АВРУПОИИ КУРАШ

**Дар шаҳри Франкфурти Майни Олмон мусобиқаи байналхалқӣ оид ба кураш барои Ҷоми Президенти Ӯзбекистон баргузор гардид.**




Тавре ки нашрияҳои оммавии немис «Берлинер телеграф» ва «Ӯзбекистон-онлайн.де» менависанд, созмондиҳандагони мусобиқа Конфедератсияи кураши Аврупо, Федератсияи кураши Ӯзбекистон, Федератсияи кураши Олмон ва Сарконсулгарии мамлакатамон дар Франкфурти Майн мебошанд. Дар ин мусобиқоти варзишӣ қариб 30 нафар варзишгар аз Амрико, Аврупо ва Осиё ширкат намуданд.

«Ин мусобиқаи баланддараҷа барои рушди ин навъи варзиш дар на танҳо Олмон, Аврупо, балки дар тамоми ҷаҳон рағбат мебахшад. Мо барои чунин мусобиқотро дар бисёр шаҳрҳои Аврупо гузарондан нақша дорем. Чунин муносибат нафақат барои оммавӣ сохтан, ҳатто барои муносиботи дӯстонаи байни халқҳоямон мусоидат хоҳад кард», иқтибос меорад ин нашрияҳо суханони Президенти Конфедератсияи кураши Аврупо Мераб Илиадисро.

Дар нашрияҳо инчунин мухтасар оид ба таърихи ин гӯштии миллӣ маълумот дода шудааст: «Дар тӯли бист соли охир гӯштии миллии ӯзбек дар тамоми ҷаҳон маъруфият пайдо намуд. Аммо пандемия натанҳо рушди ин варзишро боздошт. Ин мусобиқаи байналхалқӣ дар Франкфурт аз ҷумлаи чунин мусобиқоти нахустини калон дар рӯи гилам барои паҳлавонҳои мамлакатҳои гуногун гардид».

Дар бобати иштирокдорони мусобиқа гуфта мешавад, ки варзишгарони Литва, Полша, Руминия, Ӯзбекистон, Словения, Юнон, Черногория, ИМА ва мамлакатҳои дигар ба гилам баромаданд, то ки барои ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мубориза баранд.

Чунин шумурда мешавад, ки дар кураш на ҳамеша паҳлавони ҷисмонан бақувват пирӯз мегардад. Ғалаба насиби касе мегардад, ки зимни гӯштӣ на танҳо ба умеди вазни худ мешавад. «Ман курашро мехостам гӯштии ақл, на мушак ҳисоб кунам», – мегӯяд бунёдгузори кураши замонавӣ, ноиб-президенти якуми Федератсияи миллии Ӯзбекистон Комил Юсупов.

«Мусобиқаи байналхалқӣ оид ба кураш дар Франкфурти Майн ба поён расид, аммо шуҳрати музаффаронаи он дар ҷаҳон идома меёбад», – овардаанд ВАО Олмон.

**АИ «Дунё»,**
*ФРАНКФУРТИ МАЙН.*

***Дарси боғдорӣ***

# РАСТАНИИ ШИФОБАХШИ СЕРДАРОМАД

***Баҳри иҷрои супориши маъмурияти Президент аз 29 апрели соли 2022 чораҳои ҳавасмандгардонии ба вуҷуд овардани базаи ашёи хоми растаниҳои дорувор ва васеъ намудани коркарди он бо мақсади боз ҳам тараққӣ додани саноати дорусозӣ дар маҳалҳо кор карда баромада, дар амал татбиқ карда мешавад.***

Дар мамлакатамон дар баробари дар токзорҳо бо усули «тӯқсонбостӣ» парвариш намудани зироати сабзавот, то аввали баҳор, тобистон ва тирамоҳ танҳо хӯроки чорво ва баъзе навъҳои сабзавот парвариш карда мешавад. Бинобар ин, мо лозим донистем, ки дар бораи парвариши зироати навъи нави ба салқинӣ тобовар, нағз нашъунамоёфта ва барои кишварамон фоидаовар маълумот диҳем. Дар ҷаҳон ба он талабот зиёд буда, асосан барои равғани гиёҳҳои шифобахш парвариш карда, дар дорусозӣ истифода мешавад. Танҳо талаботи солонаи Хитой бештар аз 50 ҳазор тоннаро ташкил карда, барги болоии он дар косметология истифода мешавад ва баргу пояи он аз сабаби серравған будаnаш ба чорво ҳамчун хӯроки серғизо дар шакли брикет ё алаф дода мешавад.

Навъи растании шифобахш, ки бо номи «перилла» дар бозори ҷаҳон ҷой гирифтааст, ба сифати таҷриба дар вилоятҳои Тошканд, Фарғона, Андиҷон, Намангон ва дар ноҳияҳои Сирдарё, Гулистон ва Мирзоободи вилояти Сирдарё якҷоя бо мутахассисони Куриёи Ҷанубӣ парвариш карда мешавад.

Нигоҳубинии растании «перилла» одӣ буда, аз инҳо иборат:

– ба 1 гектар 3 кг тухмӣ;

– ҳосилнокӣ аз як гектар 1500 кг;

– байни қаторҳо 60х25 см;

– давраи пурраи вегетатсия 120 рӯз;

– ҳарорати миёна дар давраи нашъунамо +30⁰С.

Тартиби кишт ва нигоҳубин:

4-5 дона тухмӣ ба чуқурии 2-3 см кошта мешавад, дар 2-3 ҳафтаи нумӯъ хомток карда, як пояи калони нағз инкишофёфта мемонад. Пояи асосӣ пеш аз гул кардан се маротиба бурида мешавад. Дар давраи гул 1 гектар бо 100 кг мачавина озуқонида мешавад. Алафи рӯйи киштзор тоза карда мешавад.

Ҳоло дар як қатор ноҳияҳои кишварамон ба азхудкунии навъи растании шифобахши номбурда шурӯъ карда, ба деҳқонони хоҳишманд, ки боғу токзорро нигоҳубин мекунанд, тухмӣ дода мешавад.

**З.ФАЙЗУЛЛОЕВ,**
**сармутахассиси**
**Шӯрои хоҷагиҳои**
**фермерӣ, деҳқонӣ ва**
**соҳибони замини**
**наздиҳавлии**
**Ӯзбекистон.**

***Баланд бардоштани маданияти экологӣ имрӯзҳо яке аз масъалаҳои умда ба шумор меравад. Маданияти экологӣ ин риояи қонунияти табиат, ба он зарар нарасондан ва ҳамзамон ҳисса гузоштан ба ҳифзи табиат мебошад. Дар натиҷаи ба неъматҳои ноёби табиат бераҳмона муносибат кардан ва аз боигариҳои табиӣ сарфакоронаву оқилона истифода набурдани одамон дар ин ҷабҳа муаммоҳои экологӣ ба миён омадааст. Бинобар ин, аз ҳар яки мо талаб карда мешавад, ки ҳавои софу мусаффо, оби тоза, замину осмонро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем.***

# ЗАРУРИЯТИ НАЗОРАТИ ЭКОЛОГӢ БА ПАРТОВИ МАИШӢ

Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Кумитаи давлатии ҳифзи муҳит ва экологияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Садорати ҳифзи муҳити пойтахт доир ба мавзӯи «Баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

Раиси Иттиҳоди эҷодии журналистон Олимҷон Ӯсаров таъкид намуд, ки таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи муҳити атроф аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳар як нафар барои тозаву озода нигоҳ доштани муҳит ва экология бояд саҳми худро гузорад. Ҳаёти имрӯза тақозо менамояд, ки инсон на танҳо дар хонаву ҷойи зист, балки дар ҳар гӯшаву канори Замин ба қоидаҳои экологӣ риоя намуда, об, ҳаво, хок, ҷангалу бешаро бояд тоза нигоҳ дорад.

Роҳбари Садорати экология ва ҳифзи муҳити пойтахт Фарҳод Деҳқонов дар баромади худ нақши ҷавононро дар бартараф сохтани муаммоҳои экологӣ хотиррасон кард. Бо зиёдшавии аҳолӣ дараҷаи истеъмол низ зиёд мегардад. Аз ин боис, ба ҷойи махсус партофтани партов ва аз технологияи замонавии азнавкоркарди партови маишӣ дуруст истифодабарӣ талаб карда мешавад. Дар мамлакати мо барои таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи муҳити атроф, баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ, аз захираҳои табиӣ оқилона истифода бурдани онҳо корҳои назаррасро ба роҳ мегузорад, ки ин ба саломатии инсон ва безараргардонии ҳаёти ҷонварон аҳамияти калон дорад.

Дар нишасти матбуотӣ роҳбари кумита Умарҷон Абдуллоев таъкид намуд, ки дар соҳаи азнавкоркарди партови маишӣ дар вилоятҳои ҷумҳурӣ кластерҳои саракунӣ ва азнавкоркарди партови маишӣ созмон дода шудааст. Чорабиниҳои назоратии экологӣ яке аз омилҳоест, ки барои барқарор кардани муҳити тозаи экологӣ, истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ мусоидат мекунад. Оиди самти асосии устувори фаъолияти кумита – ташкил кардани низоми идоракунии маҷмӯии партови маишӣ, дар корхона вобаста ба партов такмил додани идоракунии давлатӣ ва назорати экологӣ эътибори алоҳида дода шуд. Афсӯс, ки айни ҳол бисёр моддаҳои ифлоскунандаи ҳаво ба назар мерасанд, ки ҳам барои саломатии одамон, ҳам барои олами ҳайвонот ва растанӣ таъсири манфӣ расонда, боиси вайрон шудани мувозинати экологӣ мегарданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

## ХАБАРҲО

### САЁҲАТ БА ОСОРХОНАҲО

**Рӯзи байналхалқии музей (18 май) бори 45-ум дар тамоми дунё таҷлил гашт. Дар мамлакатамон низ ба ин муносибат чорабиниҳо баргузор шуданд.**

Дар ҳамаи осорхонаҳои ҷумҳурӣ рӯзи дарҳои кушод рӯи кор омад ва музейҳо бепул хидмат расонданд. Чунончи, дар Музейи давлатии санъати Ӯзбекистон таҳти мавзӯи “Мероси мадании Ӯзбекистон – қадрияти азалӣ” намоиш ташкил ва дар он намояндагони васеи ҷомеа, аҳли санъату фарҳанг, донишҷӯёни муассисаҳои таълими олии пойтахт ширкат ҷустанд.

Таъкид ёфт дар фонди музейҳои ҷумҳурӣ, минҷумла дар осорхонаи санъат ашёҳое маҳфуз дошта мешаванд, ки инъикосгари таърихи бой ва пуршаъни мо буда, бо пеш бурда шудани корҳои ҳафриётӣ ва ёфт шудани ашёҳои нодир торафт бой мешаванд. Чунончи, ба наздикӣ аз вилояти Сурхондарё тангаҳои биринҷие ёфт шуданд, ки мутааллиқ ба асри 14-ум мебошанд. Онҳо ба осорхонаи таърихӣ супурда шуданд.

Барои он ки худшинос бошем, бояд таърихи халқи худро донем, барои таърихро донистан бошад лозим аст ба осорхонаҳо саёҳат намоем, гуфтанд баромадкунандагон.

Алъон дар музейҳои ҷумҳурӣ (ҷамъи онҳо – 127-то) наздик 2,5 миллион ашё нигоҳ дошта шаванд, аз онҳо 1 миллиону 200 экспонат молик ба аҳамияти байналхалқист.

### НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ СЕКТОРИ ДУВУМ

**Фаъолияти сектори дувум дар ҷодаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бектемири пойтахт, куллан беҳсозии шароити зисти аҳолии ҳудуд торафт ҳисшаванда мегардад.**

Қадри инсон бузург аст. Вай баробари имрӯз бояд пагоҳро низ фикр кунад, вале дар ояндаи дуру наздик не, худи имрӯз аз ҳаёт мамнунии худро ҳис намояд. Чунин нуқтаи назар, гуфтан мумкин, дар фаъолияти сектори дувуми ноҳияи зикршуда, корбариаш дар “Иқбол”, “Абай”, “Чашма”, “Гулбоғ” барин ҷамоаҳои шарвандии маҳаллаҳо мазмуну моҳияти тоза касб намудааст.

Масъулон вазъи иҷтимоии дохилиро амиқ омӯхта,ба ҳалли мушкилоти аҳолӣ,ободонии маҳаллаҳо шурӯъ карданд. Аз ҷумла, дохилу беруни манзилгоҳҳои 12 нафар камтаъминҳо, ки дар кӯчаи Кӯкдарвозаи маҳаллаи “Абай” зиндагӣ мекунанд, аз таъмир баровaрда шуд. Аҳолӣ пурра аз санҷиши тиббӣ гузаронида ва ниёзмандони бемор ройгон бо дорувор таъмин гаштанд. 726 нафар “Ба дафтари филизӣ” номнавис шуда бошанд, бинобар дидани чораҳои амалӣ ва ҳалли муаммоҳои ҳаётӣ рӯйхати 680 нафари онҳо аз дафтар баровaрда шуд.

### КОРРУПСИЯ – КУШАНДАИ ТАРАҚҚИЁТ

**Ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ оиди мубориза алайҳи коррупсия қабул ва амалӣ гарданд ҳам дар ин самт ногувориҳо – ҳолатҳои ба тамаъгарӣ мутааллиқ ҳамон ба чашм мерасанд.**

Дар Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд таҳти мавзӯи “Роҳ нагузоштан ба тамаъгарӣ ва муборизаи оштинопазир бар зидди коррупсия” анҷуман рӯи кор омад, ки дар он масъулон аз ҳокимиятҳои Мирзо Улуғбек, Олмазор, Сергелӣ, Учтеппа, Бектемир барин ноҳияҳои пойтахт, ҳамчунин ходимони соҳаҳои бонк, тандурустӣ, идораҳои ҳифзи ҳуқуқ иштирок намуданд.

Таъкид ёфт бо ташаббуси Президенти мо чанде пеш штати ёрдамчии ҳокими ноҳия дар маҳаллаҳо ташкил гашт, вале қисмате аз онҳо ҷои он ки вазифаи худро ба ҷо оранд, ба тамаъгариҳо дода мешаванд. Таҳлилҳо нишон доданд тӯли ду-се моҳи охир ҳолатҳои ба коррупсия алоқанок бештар аз ҷониби муовин ё ёрдамчиёни ҳоким рӯй додаанд. Ҷуз ин дар соҳаҳои таълими олӣ, сохтмон ва тандурустӣ ҳолатҳои коррупсионӣ бештар эҳсосшаванда аст. Сусттар ба назар расидани назорати дохилии юридикӣ низ яке аз сабабҳои асосии коррупсия ва порагирист, гуфта шуд дар ҷамъомад ва илова гашт бояд ҳар яки мо аз чораҳое, ки андешида мешаванд, хулосаи даркорӣ баровaрда, мубориза алайҳи коррупсияро боз ҳам ҷоннoктар намоем.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**



*Дар қатори дигар вилоятҳои мамлакат, дар Фарғона низ кирмакпарварӣ бомуваффақият идома дорад. Дар маҳаллаҳои ноҳияи Қува 3 ҳазору 38 қуттӣ кирмаки пилла парвариш карда мешавад ва пешбинӣ гардидааст, ки аз он 173 тонна ашёи хоми пилла гирифта мешавад. Алҳол дар як ҳазору 322 хонадон се ҳазору 420 нафар шаҳрванд бо парвариши пилла банд мебошанд.*

*Дар рӯзҳои наздик ғунучини пилла оғоз меёбад. Аз қадимулайём қувагиҳо дар пиллапарварӣ моҳир мебошанд. Сокини маҳаллаи Янгичеки ноҳия Хайринисо Эшматова дар хоҷагии фермерии “Саидҷон” меҳнат мекунад. Вай 2,5 қуттии кирмаки пилларо бо арӯсонаш нигоҳбонӣ мекунад. Хайринисо ният дорад, ки 200 килограмм абрешимро ба хирмон супорад ва ӯ аллакай ғунучини онро оғоз намудааст.*

***Дар акс:** дар хонадони **Хайринисо ЭШМАТОВА.***

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ. ЎзА.***

# МАСЪАЛАҲОИ ҚАБУЛ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ МУҲОКИМА ГАРДИД

***Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Маркази давлатии тест доир ба мавзӯи «Дар бораи қабул ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

Зимни суханронӣ ҷонишини директори Маркази давлатии тест Зафарбек Олимбеков таъкид намуд, ки соли ҷорӣ беш аз 1 миллион нафар довталабон ба муассисаҳои таълими олӣ имтиҳонҳои дохилшавӣ месупоранд. Онҳо ҳангоми супурдани ҳуҷҷат ба қоидаҳои зерин бояд амал кунанд: ҳуҷҷатҳои шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, шахсоне, ки шаҳрвандӣ надоранд ва ё ба синни 16 нарасидаанд, қабул карда намешаванд; довталабон аз 15 июн то 15 июл ба самти таълими бакалаврӣ ҳуҷҷат супоридашон мумкин; довталаб қатъи назар аз рӯйхати доимӣ, ба маркази давлатии тести ноҳия ё шаҳр метавонад ҳуҷҷат супорад; ба марказҳои мазкур аз ҷониби довталаб нусхаи аслии шиносномa, ҳуҷҷат дар бораи хатми муассисаи таълими миёна (синфи 11), миёнаи махсус ё касбу ҳунар (бо иловаaш), ҳуҷҷати тасдиқкунандаи имтиёз, агар мавҷуд бошад, тақдим карда мешавад; бо кӯмаки маркази тест маълумот дар бораи довталаб ба базаи махсуси электронии “Абитур” дохил карда мешавад ва бо воситаи фототехникаи махсус акси довталаб гирифта мешавад.

Роҳбари Садорати маркази давлатии тест Фарҳод Мирзоев таъкид намуд, ки ба ногироҳо, фарзандони хидматчиёни ҳарбӣ, хидматчиёни ҳарбие, ки ҳангоми хидмат ҳалок гаштаанд, ба бемории вазнин дучор ё захмдор шудаанд як қатор имтиёзҳо дода мешавад.

– Довталаб метавонад барои гирифтани рухсатномаи абитуриентӣ 29-31 июл ба комиссияи қабули муассиса муроҷиат кунад. Комиссияи қабул бо кӯмаки Маркази тест маълумотномаеро, ки ба довталаб дода шудааст, бо воситаи сканери махсус месанҷад, изи ангуштони ӯ гирифта мешавад ва рухсатномаи абитуриентӣ ба шахси дахлдор супурда мешавад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ҲАШТ ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ ОГОҲ КАРДА ШУД

***Тавре ки дафтари матбуоти Агентии мубориза зидди коррупсия хабар медиҳад, ҳашт ҳокимияти маҳаллӣ ҳушдор дода шуд, ки риояи қатъии талаботи қонунгузорӣ дар бораи шаффофиятро ҷиддан зери назорат гиранд. Зеро барои он ки аз коррупсия боз ҳам бештар ҷилавгирӣ ба амал ояд, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷа ва шаффофияти тамоми марҳилаҳои ин ҷараён молики аҳамияти калон мебошад.***

Дар Фармони Президент аз 16 июни соли 2021 маҳз ҳамин далел алоҳида таъкид гардидааст. Фармон пешбинӣ мекунад, ки маълумот дар бораи даромад ва хароҷоти буҷаи маҳаллӣ дар охири ҳар се моҳ ташаккул ёфта, дар сурати аз нақша ва миқдори пешбинишуда бештар харҷ гардидани маблағ онро барои омма ифшо кунанд. Ин аз он ҷиҳат басо муҳим шумурда мешавад, ки пешгирӣ намудани тороҷгарии маблағи буҷа таъмин хоҳад шуд. Дар ин самт ба роҳ мондани назорати босамари ҷамъиятӣ низ дар мавриди коҳиш ёфтани хатарҳои гуногуни коррупсионӣ хидмати босазо хоҳад кард.

Бино ба хабари дафтари матбуоти агентӣ рафти иҷрои ин талаботи фармон мусоидат менамояд, ки сари вақт таҳти назорати доимӣ қарор гирифтани фаъолияти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ таъмин гардад.

Гуфта мешавад, ки аз рӯйи ҷамъбасти семоҳаи 1-уми сол вазъи ифшои маълумот дар бораи қисми барзиёд иҷрошудаи нақшаи даромадҳои буҷаи маҳаллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Он маълум намудааст, ки ин маблағ ба иҷрои кадом корҳо равона карда шудаанд. Натиҷа нишон додааст, ки дар вебсайтҳои расмии ҳокимияти вилоятҳои Ҷиззах, Сурхондарё, Сирдарё, Фарғона ва Тошканд ин маълумот мунтазам эълон карда мешаванд. Аммо дар Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Қашқадарё, Навоӣ, Самарқанд, Намангон ва Хоразм ин маълумот дар вебсайтҳо танҳо қисман ба мардум ошкор карда шудаанд.

Дафтари матбуоти агентӣ мегӯяд, чунин маълумот бори охир дар вебсайти расмии ҳокимияти вилояти Андиҷон танҳо дар семоҳаи 1-уми соли 2021 нашр шудааст, ҳокимияти шаҳри Тошканд онро умуман ба мардум ифшо накардааст. Дар ин замина ҳокимияти вилояти Тошканд талаботи иҷрои Фармонро пурра таъмин намудааст. Барои ҳамин маблағҳои озоди дар аввали соли 2022 ташаккулёфта ва маблағҳои қисмати даромадаи буҷаи маҳаллӣ аз рӯйи нақшае, ки барои семоҳаи якуми соли равон ҷудо шудааст, 231,3 миллиард сӯмро ташкил додааст.

Дафтари матбуоти агентӣ қайд намудааст, ки ғайр аз ин, дар давраи ҳисоботӣ барои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ин вилоят, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ, мустаҳкам намудани таъминоти моддию техникии муассисаҳои иҷтимоӣ, дастгирии молиявии аҳолии эҳтиёҷманд аз ҳисоби манбаъҳои иловагӣ 63,8 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст.

Ба ин тартиб, агентӣ 8 ҳокимияти маҳаллиро барои роҳ додан ба хато ва камбудиҳое, ки дар натиҷаи мониторинг ошкор гардидаанд, сахт огоҳонида, тақозо кардааст, ки дар оянда назорати риояи талаботи қонунгузории шаффофиятро пурра таъмин намоянд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

# АНЪАНА ДАВОМ МЕКУНАД

***Гузаштагонро ёд карда, ба ҳозирон эътибор ва эҳтиром зоҳир намудан яке аз анъанаҳои неки халқамон ба шумор меравад.***

Ба ҳукми анъана даромадааст, ки ҳар сол ба муносибати Рӯзи хотира ва қадр чустиёни пойтахти мамлакат ба аъзои оила ва хешованду наздиконашон дар Чуст оши хайрия медиҳанд.

Ба қарибӣ дар маҷмӯи тантанаҳои Боғи маданият ва истироҳати шаҳри Чуст чунин чорабинӣ баргузор шуд.

– Мо дар пойтахт кору зиндагӣ кунем ҳам, ҳамеша зодгоҳамонро дар ёд дорем. Ташнаи дидори хешованду дӯстони ҷонӣ мешавем. Дар чорабинии имрӯза бо онҳо вохӯрда, аз таҳти дил суҳбат оростем. Мо минбаъд низ чунин кори хайрро давом медиҳем, – гуфт профессор Соибҷон Бегматов.

Дар чорабинии хайрия ба рӯҳи гузаштагон Қуръон тиловат карда шуд. Ҷамъомадагон даст ба дуо кушода, ба мамлакатамон ободӣ ва аҳли он фаровонию комёбиҳо орзу карданд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

***16-уми май дар деҳаи сайёҳии Конигили ноҳияи Самарқанд ба муносибати оғози фаъолияти шуъбаи вилоятии Маркази тарғиботи маданият ва санъати Ӯзбекистон тадбири бошукӯҳ баргузор шуд.***

# КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «КОРВОНИ СУЛҲ» БАРПО МЕШАВАД

Дар он раиси марказ Лутфия Мирзоева, намояндагони соҳаи маданият ва сайёҳии ҷумҳурӣ, фаъолони ҷомеа, расонаҳои ахбор ва ғайра иштирок карданд.

Лутфия Мирзоева зимни суханронӣ гуфт:

– Мо соли 2004 дар Эрон дар конфронси байналмилалӣ иштирок намудем. Дар чорчӯби ин сафар мо аз шаҳрҳои қадимии ин кишвар, аз ҷумла, аз шаҳри Кошон дидан кардем. Вақте ки бо маконҳои таърихии Кошон шинос мешудем, мизбонон ба мо дар бораи биноҳои қадимии гилӣ чунон бо ифтихор ҳарф заданд, ки ҳамаи мо дар ҳайрат афтодем. Беихтиёр, фикр кардам, ки вақте эрониҳо аз биноҳои гилӣ чунин ифтихор доранд, мо чаро нисбат ба мероси моддиву ғайримоддии шаҳрҳои бузурги Хоразм, Бухоро ва Самарқанд беэътибор бошем. Маркази мо маҳз бо тарғибу ташвиқи мероси гузаштагонамон, чӣ моддӣ, чӣ маънавӣ машғул аст. Дар Самарқанд мероси фаровон дорем, ки барои тарғибу ташвиқ эҳтиёҷ дорад.

Ёдовар мешавем, Маркази тарғиботи маданият ва санъат – «Мероси ҷовидон» соли 2019 дар Вазорати адлия сабти ном шуд ва ба фаъолият шурӯъ кард. Мурод Қӯшаев раиси шуъбаи марказ дар вилояти Самарқанд таъин гардид.

Шӯъбаи вилоятии марказ барои тарғиби мероси ҷовидонаи Самарқанд барномаҳои махсус дорад. Аз ҷумла, баргузории конфронси байналмилалии «Корвони сулҳ» дар Самарқанд ба нақша гирифта шудааст. Яке аз мақсадҳои марказ дастгирии кӯдаконе мебошад, ки маъюбанд.

Албатта, ин гуна тадбирҳоро бе ҳунарнамоии санъаткорон тасаввур кардан душвор аст. Дар ин рӯз лӯхтакбозони вилоят, донишомӯзони мактабҳои мусиқӣ ва кӯдаконе, ки маъюбанд, пеши ҳозирин ҳунарнамоӣ карданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**




*Дар муассисаҳои тиббии мамлакатамон ба беҳбуди саломатии аҳолӣ, хусусан, ба занону духтарон расондани хидмати тиббӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Аз ҷумла, дар муассисаҳои тиббии вилояти Фарғона баҳри мустаҳкам намудани пойгоҳи моддиву техникӣ ва офаридани шароити мусоид ба шифокорон як қатор корҳо ба амал тадбиқ мегарданд.*

*Шуъбаи гинекология ва паталогияи ҳомилаи Иттиҳоди тиббии шаҳри Фарғона пурра таъмир гардид. Гуфтан ҷоиз аст, ба беморони шуъбаи мазкур, ки дар шафати маҷмӯи зоишгоҳи шаҳар ҷой дорад, як қатор қулайиҳо фароҳам оварда шуд.*

*Аз ҳисоби маблағи фонди маҳаллии вилоят 5,7 миллиард сӯм сарф гардида, бинои дуошёна дар муддати кӯтоҳ аз таъмири мукаммал бароварда шуд ва бо мебелу асбобу ускунаҳои тиббии замонавӣ муҷаҳҳаз гардид.*

***Дар акс:** шуъбаи гинекология ва паталогияи ҳомилаи Иттиҳоди тиббии шаҳри Фарғона.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ. ЎзА.***

**Бахшида ба 135-солагии Саидризо Ализода**

# ДАР РОҲИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

## ё сухане чанд аз зиндагӣ, осор ва корномаи Саидризо Ализода



Ин марди, ба ифодаи Раҳим Ҳошим, "гармрӯй, хушрафтор ва хушгуфтор", ки исмаш Саидризо Ализода аст, яке аз аввалин фидоиёни роҳи эҳёи забон, фарҳанг, мубориозони соҳаи маориф ва матбуоти нави тоҷик дар солҳои аввали инқилоби болшевикӣ буда, хидматҳояш дар пешрафти ҷомеа номашро ҷовидон ҳифз хоҳад кард.

Саидризо Ализода соли 1887 дар Боғишамоли Самарқанд дар хонаводаи ҳунарманди шоҳибоф, марди босавод ва илмдӯст Мирмуҳсин ба дунё омадааст. Саидризо дар бораи решаи хонаводагиаш, ки сокинони аслии Боғишамоли Самарқанд будаанд, борҳо навиштааст. Аз ҷумла, дар яке аз мақолаҳояш эронӣ будани волидайнро таъкид карда, навиштааст, ки "дар соли 1200-и ҳиҷрӣ (1786-и милодӣ) дар ҷанги амири Бухоро Мирмаъсум ва хони Марв Байрамалихон, ки ба воситаи хиёнати ваҳшиёнаи амири Бухоро Марв суқут кард ва Байрамалихон мақтул гардид, асирон аз Марв ба Бухоро омадаанд ва қисме дар Бухоро монда, боқӣ ҳамагӣ ба шаҳрҳои гуногуни Туркистон пароканда шудаанд. Аз ҷумла, як қисми онҳо дар Самарқанд ҳастанд, ғолиби онҳо дар маҳали Боғишамол сукунат доранд".

Саидризо Ализода бо саъю талоши падараш, ки одами таҳсилдида буд, соҳиби савод шуда, аз ҷавонӣ рӯзнома ва китобҳоеро, ки дар Озарбойҷон, Эрон ва Ҳиндустон чоп мешуданд ва дар даҳаи аввали садаи бист дар Самарқанд низ дастраси мардум мегардиданд, бо майлу рағбати тамом мехонд ва ин яке аз омилҳои таконбахши ҷустуҷӯҳои ӯ барои муайян кардани роҳи ояндаи зиндагиаш гардид. Омили дигари муҳиме, ки ба фаъолияти минбаъдаи ӯ таъсиргузор будааст, шиносоӣ бо Шайх Абулқосим ном марди олим ва рӯҳонии тараққипарвару озодихоҳи озарӣ буд, ки дар Самарқанд паноҳанда шуда, бо таъсиси мактаби усули нав дар пешрафти маънавии мардуми Самарқанд, аз ҷумла Саидризо Ализода, саҳми бузург гузоштааст.

Саидризо Ализода дар мактаби Шайх таҳсил карда, баъди рафтани вай, ҳамчунон ки Ҳасан Ирфон ёдоварӣ мекунад, мудирӣ ва муаллимии ин мактабро бар ӯҳда доштааст. Саидризо баъдтар дар мактаби нави Саидмаҳаллаи Самарқанд муаллимӣ карда, дар ин муддат садҳо нафар фарзанди мардумро бе пул соҳиби хату савод намудааст. Вале ба сабаби он ки маоши ночизи муаллимӣ зиндагиашро таъмин намекард, вай маҷбур мешавад, ки баъд аз дарс ба чопхонаи Дамиров ва Слияновҳо рафта, ҳуруфчинӣ кунад.

Дар ҳамин солҳо дар Самарқанд рӯзномаи русие бо номи "Самарқанд" интишор меёфт, ки бо тамоюли иҷтимоию озодихоҳиаш, на фақат дар Осиёи Миёна, балки дар миёни матбуоти ошкорбаёни Русия низ қарина надошт. Ин рӯзнома барои Саидризо Ализода аввалин мактаби таҷрибаомӯзӣ дар кори матбуот ва ошноӣ бо ҳаракатҳои инқилобию озодихоҳӣ гардид. Фаъолияти корӣ ва диди амиқи шинохти тамоюлҳои пешрави ҳаёти ҷомеа ба ӯ имкон дод, ки дар хати пеши ҳақталошони озодихоҳ қарор гирад ва ба ҳимояи забон ва мактабу маорифи тоҷикӣ бархезад.

Ӯ ҳангоми кору фаъолият дар рӯзномаи ёдшуда ҳам бо кори матбааву матбуот ошноӣ пайдо кард, ҳам донишашро аз забон ва адабиёти рус такмил бахшид. Дар фаъолиятҳои баъдинааш таҷрибаи кор дар матбаа ва донистани забони русӣ нақши муҳим бозид. Тавоноии касбӣ ба ӯ имкон дод, ки аз рӯзҳои нахустини таъсиси нашриёҳои маорифпарвари тавоно, яке аз шахсиятҳои машҳури сиёсӣ ва бунёдгузори матбуоти нав дар Осиёи Миёна Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ – рӯзномаи сезабонаи "Самарқанд" ва маҷаллаи дузабонаи "Ойина" чун масъули бахши тоҷикӣ фаъолият карда, ормонҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии форсизабонони Осиёи Миёнаро расонаӣ мекунад ва дар ташаккули тамоюли озодихоҳӣ таъсири амалӣ мерасонад.

Дар он солҳо диққати ин мардиояндабин, маорифпарвар ва публитсисти оташсуханро бештар масъалаҳои забон ва мактабу маориф ба худ кашида буд, ки дар мақолаҳои арзишмандаш дар рӯзномаи "Самарқанд" ва маҷаллаи "Ойина" мушкилоти мактабу маорифро мавриди арзёбӣ қарор медод. Масалан, дар хабари "Мактаби мардуми Боғишамол", ки дар шумораи ҳафтуми рӯзномаи "Самарқанд" чоп шуда буд, навиштааст: "Мактаби исломия, ки ба тариқи усули ҷадид дар Боғишамол аз муддати 5 сол то кунун кушода ва дар он аз 60 то 80 нафар шогирд ба луғати туркиву форсӣ ва русӣ ба хондан машғул буданд, ба наздикӣ бинобар бепулӣ ва қадри мактаб надонистан, баста шуда, шогирдонаш боз ба бекорӣ ва говчаронӣ рӯ ниҳоданд. Қариб 10 ҳазор эрониёни Боғишамол як мактабро зинда нигоҳ надоштанд, ки хеле ҷойи таассуф аст. Аз ин зиёдии нуфуси боло чӣ фойида?"

Маҳз дар ҳамин давра, яъне дар соли 1905 дар қатори коргарони чопхонаи Самарқанд дар корпатоӣ иштирок кардааст, ки ин аввалин қадами ошкорои ӯ дар роҳи озодихоҳӣ буд. Саидризо Ализода баъди Инқилоби Октябр низ як-ду сол муаллимӣ карда, сипас дар тӯли бист сол дар соҳаи матбуот ва нашриёт кору фаъолият намудааст. Солҳои охири ҳаёташ дар Дурулфунуни давлатии Ӯзбекистон дар Самарқанд аз фанҳои забонҳои тоҷикиву арабӣ дарс гуфтааст.

Ҳасан Ирфон, ки домоди Сайидризо Ализода буда, аз ӯ таълим ҳам гирифтааст, дар ёдномааш меоварад, ки "Ализода дар ин муддати ҳаёти худ бо рӯҳониёни ҷоҳил ва пайравони онҳо хеле мубориза бурда, борҳо дергоҳи шаб ҳангоми баргаштан аз матбаа ба ҳамлаи номардонаи бадхоҳон дучор омада ва дар сояи пурдилӣ ва чобукдастии худ ҷон ба саломат бурд". (Ҳасан Ирфон. Дар кулбаи косибон. – Душанбе: Ирфон, 1964, с.81).

Бо ташаббуси бевостаи ин марди наҷиб соли 1919 бо ҳадафи беҳтар ба роҳ мондани кори таблиғу ташвиқ дар байни мардуми тоҷикзабон дар ҳайати ҳукумати Туркистон шӯъбаи форсӣ ташкил ёфт ва худаш мудири он таъин гардид. Маҳз бо талошҳои пайгиронаи ӯ 1-уми марти соли 1919 ҳафтавори "Шуълаи инқилоб" ба фаъолият оғоз кард, ки дар муддати кӯтоҳи фаъолияташ зери раҳбарии Саидризо Ализода дар ҳаёти маънавии ҷомеаи форсизабонони Осиёи Миёна таъсири фавқулодда доштааст.

Саидризо Ализода дар яке аз шумораҳои "Шуълаи инқилоб" навишта буд, ки "Комитети ҳизбии вилояти Самрқанд чун ҳомии ранҷбарони иштирокиюн мебошад, ин дархостро бидуни чуну чаро пазируфта, на ин ки танҳо ёрии чизӣ, балки махориҷи нашри маҷалларо тамоман бар ӯҳдаи худ гирифта, вайро ношири афкори худ қарор дод". (Шуълаи инқилоб. – 1919 –10-уми апрел).

(Давомаш дар саҳ.4).

# РАМЗИ КАМОЛОТ

## Ё ХУД

## ҚИССАИ ЧӢ ТАВР ДАР ХОНАДОНИ АЛИМАТОВ МОНДАНИ ТАНБӮРИ ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗ

Муҳити эҷодии ба ҳам хеле наздик доштани халқҳои тоҷик ва ӯзбек, ки бузургмардони олами хираду фарҳангашон дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳмгузор будаанд, ба касе сир нест. Яке устод, дувумӣ шогирд. Яке пир, дувумӣ мурид. Ё ҳарду ҳамсабақ дар як мактаби адабию мусиқӣ. Мусиқор ва таронасароҳоямон низ аз азал дар ҳамкорӣ таҷрибаҳои якдигарро омӯхта, тавфиқ ёфтаву касби камол кардаанд.

Яке аз созандагони номвари замони мо, ҳунарваре, ки дар таърихи санъати анъанавӣ саҳифаҳои нав кушодааст, Турғун Алиматов мебошад. Вай аввал дар дуторнавозӣ ҳунари комил пайдо кард, баъд дар навохтани сато маҳорат нишон дод, сипас дар мусиқии миллӣ мактаби хоси танбӯрнавозӣ офарид. Мегуфт: "Ман танбӯрии аз дуторӣ баромадаам".

Ба танбӯр дил бастан, чун танбӯрнавоз машҳур шудани ӯро воқеае дар Самарқанд низ сабаб шудааст. Ҷавон буд, ба Самарқанд азми сафар кард. Дар кӯчаҳои ин шаҳри таърихӣ, ки ба олами мусиқӣ Ҳоҷӣ Абдулазиз барин абармардҳоро ҳадя карда, яке аз ватанҳои "Шашмақом" эътироф шудааст, қадам мезад. Ҳавасаш меомад ба Юнус Раҷабӣ, ки замонҳое дар ин ҷо таҳсил гирифт, аз сабақҳои Ҳоҷӣ Абдулазиз баҳра бардошт...

Вай чун аз назди кӯҳнафурӯше мегузашт, чашмаш ба танбӯре афтод. Ба он бо ҳусни таваҷҷуҳ нигаристанаш аз эътибори фурӯшанда дур намонд.

– Танбӯр фурӯхта намешавад, – гуфт кӯҳнафурӯш.

– Барои чӣ? – тааҷҷуб кард ҷавон. – "Чизи фурӯхтанамешударо ҳам бозор оварда ва пеши чашм мегузоранд?"

– Бачем, мана ин чизҳоро, – ба колаҳо ишора намуд фурӯшанда, – хариданат мумкин, лекин ба танбӯр ҳавас накун.

– Чизи дигар лозим не, – ҳамон аз танбӯр чашм намеканд Турғун. – Агар иҷозат диҳед, як... бинам.

– Дида истодаӣ-ку? Ба даст гирифтанат шарт? Медонӣ, он чӣ хел танбӯр? Танбӯри табаррукӣ. Бачем, аз роҳат намон.

– Бобоҷон, ман меҳмон. Аз Тошканд омадам. Ба мусиқӣ шавқам баланд. Дутору танбӯр аз даврае, ки ақли худ шинохтам, дар пештоқи хонаамон овезон меистанд. Ҳамроҳи падар машқ кардаам. Баъдтар дар маҳфилҳо ҷиддӣ дуторнавозиро омӯхтам. Аммо ин танбӯр...

– Намонди-да, – бо малол пичиррос зад пирамард ва: – Мана, – гӯён дароз кард танбӯрро. – Бо эҳтиёт дор. Медонӣ, ин аз они кӣ? Аз они Ҳоҷибобо!

Турғун, бо эҳтиёт асбоби мусиқиро ба даст гирифту: – Кадом Ҳоҷибобо? – пурсид чашм бардошта.

– Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов. Шунидаӣ?

Ҳиссе ба рагҳои Турғун тохт, дунё ба назараш дигаргун намуд. Дар ҳоле, ки дилаш сахт метапид, бо чашмони барқпош ба пирамард нигарист.

– Наход... – гуфт вай ҳаяҷономез. – Аз Ҳоҷибобое, ки...

– Бале. Медонӣ, кӣ буданд он кас?

– Оҳ, Ҳоҷибобо... Устоди маънавӣ мешуморам он касро. Бовар кунед... хаёлан гуфтугӯ мекардам бо он зот, аз даме, ки ба Самарқанд по ниҳодам, – ба ин-сӯ, онсӯйи танбӯр ҳавасомез назар мекард Турғун. Ба гӯшҳояш бовар наменамуд. "Наход аз Ҳоҷибобои маълуму машҳур? Сароянда ва навозандаи беназир бо дасту панҷаҳои шарафманд... менавохтанд инро?

Маро ба киву ба чӣ рӯ ба рӯ кардӣ, Худои меҳрубон?!"

Чеҳраи мӯйсафед андак кушод. – Ин хел бошад, хуб, – гуфт табассумомез ва илова намуд:

– Мехоҳӣ навозӣ? Лекин бе «бисмиллоҳ» сар накун.

– Хуб, – итоатомез даҳон кушод ҷавон.

Ва бо панҷаҳои хаёле ларзон ба "соз" кардани танбӯр шурӯъ намуд.

Мӯйсафед, ки аз асрори мусиқӣ то андозае огоҳ буд, дарзамон пай бурд ҷавон дар навохтани танбӯр хеле баҳунар. Дар вақти "соз" кардани асбоб созанда бояд ба ҳаракатҳои дасти чапу рост, ҳамчунин ба зарбҳои аввалу сонӣ, якказарб, ҷуфтзарб, калтарез, пирранг ва ҳоказо эътибор диҳад, ки ин ҳама барои як хел садо додани савтиёти нолишомез хеле зарур.

Баъд ҷавон "Бозаргонӣ" гуфту ба навозиши яке аз оҳангҳои марғуб, ки Ҳоҷӣ Абдулазиз офаридааст, шурӯъ намуд.

Вай овони бачагӣ "Бозаргонӣ"-ро дар иҷрои мусиқорҳое, ки хонаашон ҷамъ омада, то дили шаб ба навозишу хониш машғул мешуданд, бо диққат гӯш мекард. Ба онҳо чой мекашонд, дастёрӣ менамуд, вале ҳушу хаёлаш ба оҳанги диловез, ки кайҳо ҷой гирифта буд дар дилу зеҳну хотираш. Аз пластинка ва радио низ бо таваҷҷуҳ мешунид онро. Ва ба азхуд кардан, фаро гирифтани оҳанг аз таҳти дил ҳаракат мекард. Саъйҳояш беҳуда нарафтанд. Бо вуҷуди ҳанӯз ҷавон будан Турғун аз сафи мусиқорҳое ҷой гирифт, ки "Бозаргонӣ"-ро ба маром расонда менавозанд.

Инак, вай аз имтиҳони мӯйсафеди кӯҳнафурӯш мегузарад.

...Чӣ оҳанги дилрабо, чӣ гунаи навои ҷонбахш, ки ба қалбу рӯҳ ҳам масаррат мебахшанду ҳам ҳузн, эҳсосро ба таҳрик оварда, шунавандаро аз паси худ мебаранд, ба дуриҳо, ба дуриҳои дур...

Ҷавон танбӯр менавохту мӯйсафед лаҳзае дар худ набуд гӯё: на дар бозор ва назди колаҳо, ки савдо мекард, балки дар олами сеҳромези оҳангҳо.

– Офарин! – гуфт беихтиёр.

Ҷавон бо шунидани таҳсин далертар шуд, панҷаҳои гиро чобуктар рӯйи пардаҳои танбӯр давиданд. Чӣ ниҳон буд дар "Бозаргонӣ", ки устодона ба иҷро мерасид? Нолаи оҳанг, гиряи ошиқ, фиғони қалби маҷруҳ ва айни замон, ширин-ширин тапиданҳои қалб дар лаҳзаҳои масарратзо, шавқи дидор...

Оҳанг ба охир расид. Ҷавон чашм боло кард ва дид одамон гирдаш печондаанд. Ҳис кард ҳама моту мабҳут. "Кам нашав!" гуфт кадоме бо таҳсин. "Бар падарат раҳмат", гуфт дувумӣ. Дигарон бо сарҷунбонӣ қоил мондани худро изҳор мекарданд.

Ҳушу хаёли Турғун бар танбӯр, ки хеле вақт бенигоҳубин монда ва нағз садо надиҳад ҳам мехост онро харад. Талабгор агар буд, баъде донист, ки он аз Ҳоҷӣ Абдулазиз, талабгортар шуд. "Илоҷе карда мехарам. Чӣ қадаре, ки хоҳад, медиҳам!"

"Ё Парвардигор, Парвардигор!" – баногоҳ нидо дардод кӯҳнафурӯш.

Ҳама бо ҳайрат ба вай нигаристанд.

– Бобо, ба шумо чӣ шуд? – пурсид Турғун.

– Наход, ки он туӣ-а? Наход... ту?! – мӯйсафед зеҳн монда менигарист ба ҷавон.

Сонӣ вай нақл кард, вақте раҳматӣ Ҳоҷибобо дар рӯзҳои охири умр танбӯри худро ба ман месупурданд, гуфтанд, ки рӯзе мусиқачие, ки ба мероси ман муносиб аст, наздат меояд, дар навозиш ҳамаро қоил мекунад. Ту бе ҳеҷ дудилагӣ танбӯрро ба вай супор.

Чашмони ҷавон барқ заданд. Гуфт:

– Ҳамин тавр гуфта буданд Ҳоҷибобо? Наход мани навмашқ ба мероси бузургвор муносиб? Ҳоло дар кисаам пули бисёр нест-куя, лекин ёфта меорам. Чӣ қадаре, ки пурсед, мехарам инро!

– Ту чиҳо мегӯӣ, бачем? – мӯйсафед аз ҷо хест ва ҷавонро ба бар кашид:

– Магар ин навъ чизҳои табаррукиро мефурӯшанд? Танбӯр ба ту туҳфа!

– Туҳфа? – Турғун аз шиддати ҳаяҷони суруромез гоҳ дар худ буду гоҳ не...

Ҳамин тавр, Турғуни ҷавон аз Самарқанд – аз шаҳри Ҳоҷӣ Абдулазиз, дар даст танбӯр, бо ҷаҳон-ҷаҳон шодӣ ба Тошканд баргашт. Танбӯрро ба усто дод. Баъди таъмир ҳолати аввалаашро барқарор намуд асбоби мусиқие, ки як вақтҳо дар дасти ҳофиз ва мусиқори барҷаста ба нолаву садои довудии қалби ӯ ҳамовозӣ дошт. Акнун он ҳамоҳанг буд ба таппиши қалбу овои орзуву армонҳои поки Турғун Алиматов, ки навъе ишора рафт, Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандиро устоди маънавии хеш меҳисобид.

Танбӯр дар хонадони Алиматовҳо чун яке аз баарзиштарин туҳфаҳо ҳанӯз нигоҳ дошта мешавад. Қиссаи болоӣ, яъне чӣ тавр ба ин хонадон афтодани танбӯри Ҳофизи мардумии Ӯзбекистон Ҳоҷӣ Абдулазизи нотакрорро ба мо набераи арзандаи Турғунбобо Аброр Зуфаров нақл намуд.

Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов дар азхуд сохтани самтҳои мақом, навохтани асбобҳои мусиқӣ ва овозхонӣ ба бисёр ҷавонон устодӣ кардааст. Аз ҷумла, ҳунарпешаи мардумӣ Юнус Раҷабӣ дар хонадони ӯ воқеъ дар маҳаллаи Кӯкмасҷиди Самарқанд муддате зиста, илми мусиқӣ омӯхтааст. Ӯро Ризқӣ Раҷабӣ ва Инъомҷон Икромов барин ҳамсабақҳояш ҳамроҳӣ менамуданд.

Назар ба таъкиди Аброр Зуфаров, дар дафтари хотироти Турғун Алиматов ин гуна сатрҳо ҳастанд: "Ман аз бачагӣ ба овозхонию ҳунари созандагии Ҳоҷӣ Абдулазиз меҳр монда ва пластинкаҳои ӯ "Бебокча", "Гулъузорам", "Бозаргонӣ"-ро ҳанӯз дар солҳои сиюм бо мароқ мешунидам. Бо ҳар дафъа шунидани ин иҷроҳо ҳоло низ барои худ чизе дарёфт менамоям. Баъзан ба кадом паҳлӯи санъате, ки нодир аст, бештар ба ҳайрат мондани худро нафаҳмида, дурудароз фикр мекунам..."

(Давомаш дар саҳ.4).

# ДАР РОҲИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

7-уми марти соли 1919 Саидризо Ализода муҳаррири “Шуълаи инқилоб” таъин мегардад ва то баста шудани ҳафтавор нафақат ҳамчун роҳбар ба фаъолияти ин нашрия роҳбарӣ мекунад, балки ҳамчун рӯзноманигори публитсист доир ба вазъи иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа мақолаҳо ва гузоришоти қобили мулоҳизаеро бо мақсади ислоҳи муҳити ҷомеа ба нашр мерасонад. Вале душманони адабу фарҳанги миллат аз аввалин рӯзҳои фаъолияти ин нашрия ва сармуҳаррири он душмании худро пинҳон надошта, зидди он мубориза карданд. Саидризо Ализода ҳанӯз дар шумораи дувуми нашрия таҳти унвони «Як суйиқасди ғаразкорона ба муқобили маҷаллаи мо” мақолае чоп карда, аз ҷумла навишта буд, ки “Ҳануз шумораи аввали маҷаллаи мо қадам ба майдони матбуот нагузошта, ҳануз “Шуълаи инқилоб” шуълаи дурахшони худро ба ҷое наафшонда буд, ки дастаи шабпаракон аз тарси он ки чашмони ғаразбинашонро хираву торик кунад, ба даври ҳам гирд омада, аз пайи хомӯш кардани ин шуъла камар бастанд ва барои қатли ин бачаи зоиданашуда омода гардиданд. Инҳо барои буридани забони як ҷамоаи Туркистон, ки тақрибан 2 милён нуфус дорад, шамшерҳои худро тез карданд”.

Саидризо Ализода бо дастгирии комитети вилоятии ҳизби коммунист то тавонист ин ҳафтаворро ҳифз ва нашр кард. Вале дар ниҳояти кор ҳизб нашрияро маблағгузорӣ накард ва сармуҳаррир ба сабаби набудани маблағи нашр маҷбур шуд фаъолияти “Шуълаи инқилоб”-ро қатъ ва бо хонандагони худ “худоҳофизӣ” кунад.

Дар тамоми давраи мавҷудияти ҳафтавори “Шуълаи инқилоб” Саидризои Ализода нафақат таҳриру такмили маводҳои нашрияро бар ӯҳда дошт, балки бо вуҷуди ба ғайр аз таҳрири нашрия ва корҳои давлатӣ банд буданаш, аксари мақолаҳову гузоришоти ҳафтаномаро худаш менавишт. Дар як муддати кутоҳи фаъолияти нашрия ӯ бештар аз 200 хабару мақола ва гузоришҳои гуногунҳаҷмро ба чоп расонидааст, ки масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Осиёи Миёнаро дар бар гирифтаанд.

С. Ализода дар мақолаҳояш ба воқеиятҳои таърихи дирӯзаву онрӯзаи миллат ҳамчун рӯшанфикри ояндабин нигариста, талош мекард ба мардум фаҳмонад, ки ба воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ бо чашми ибрат нигаранд ва баояндаи худу фарзандонашон бепарво набошанд. Аз бепарвоии ҳаммиллатонаш нисбат ба сарнавишти худ гилаомез чунин навишта буд: “Ҳарчанд зулму ситами дигаронро кашидем ва ҳар қадар ки ҷабру озори бегонагонро дидем, лекин дареғо, ки ҳеч бедору ҳушёр нашудем. Афсӯс, ки ҳеч дарси ибрат нагирифтем. Мо гӯё, ки ба зулму ситам кашидан хӯ гирифтаем, дар бандагию асорат зистан оддӣ шудаем. Мо гӯё, ки фақат барои кашидани бори дигарон офарида шудаем. Мо бояд, ки аз ин зиндагонию хорию расвоӣ ҷудо шавем!...

Мо аз ҳодисаҳои даҳшатангези даҳр, аз воқеаҳои ибратомези замон панд намегирем, панд гирифта, айбҳои худро ислоҳ намекунем, хатоҳои худро дуруст наменамоем. Гӯё, ки бо маданияти пешинаамон, бо шарафу номуси собиқамон қобилият ва истеъдоди мо низ як ҷо рафтааст ва маҳв шудааст. Ҳар гоҳ ин аҳволоти худро ба назари диққат гирифта, фикри ғавде (амиқ) намоем, яқин хоҳем кард, ки аз рӯзи сиёҳи оянда, аз яъсу навмедиҳои рӯоваранда ба ҳеч ваҷҳ халосӣ ёфтан барои мо мумкин нест”.

Ҳамин тамоюли фикрӣ ва ислоҳотхоҳӣ Саидризо Ализодаро во доштааст, ки дар бораиояндаи миллат андешад ва масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар мақолаҳову гузоришоташ матраҳ созад. Ба ин далел, дар мақолаи “Талабаҳо курси муаллимин бихонанд” ба масъалаи парваришу омӯзиш таваҷҷӯҳ кардани ӯ тасодуфӣ набуд. Дар ин мақола вай аз боби камбудиву норасоиҳои курси муаллимин дар Самарқанд сухан карда, таъкид варзидааст, ки “сахттарин дард ин ҷост, ки мо ин ҳолро дар байни як даста авоми нодон, як гурӯҳи торики ҷоҳил, ки бӯе аз тамаддун ва баҳрае аз маърифат ба машоми онҳо нарасидааст, мушоҳида намекунем, балки аз як ҷамоаи тозафикр, ки имрӯз барои такмили маърифат ва камол барои такмили илму фазли худ дар як нукта гирд омадаанд ва фардо ҳар як дар як нуктаи мамлакат далел (роҳнамо)-и як қавм ва ҳодии ҷамоа хоҳанд шуд, мулоҳиза менамоем”.

Саидризо Ализода дар он солҳои тақдирсоз дар боби саранавишти аҳолии Боғишамол андешида, аз ҷумла менависад, ки “аз он ҷое, ки 96 сол дар таҳти асорати амирони Бухоро ва 50 сол ҳам дар зери истибдоди рус воқеъ буда, аз ҳамаи ҳуқуқи сиёсиву иқтисодиашон маҳрум буданд, лиҳозо аз офтоби равшани тамаддун ва аз нури дурахшони маориф ба куллӣ бебаҳра мондаанд. Инҳо ба маҳкумияту зердастӣ, ба зиллату хорӣ чунон хӯ гирифтаанд, ки на машрутият ва озодии Эрон, на ҷумҳурият ва ҳуррияти Турон, ба ҳоли онҳо заррае таъсир набахшидааст”.

Ӯро мактабу маорифи сокинони Боғишамол ба ташвиш оварда, бақои онҳоро дар такмили мактабу мактабдорӣ мебинад ва меафзояд: “Ҳой, эй эрониёни Боғишамол! Бидонед ва огоҳ бошед: замон замони тамаддун ва маориф аст, ҳангом ҳангоми тараққию ирфон аст! Агар зиёда бар ин, дар ғафлату ҷаҳолати худ боқӣ монед, ҳамаи ҳуқуқи зиндагии худро гум хоҳед кард, то ба илму маърифат чаҳордаста начаспед, помол хоҳед шуд, помол!... Агар дар ҳамчунин замони озодӣ ҳуқуқи худро нагиред, куфрони неъмат кардаед. Фаромӯш накунед, ки то бача нагиряд, шир нанӯшад. Ва гиряи шумо илм асту маориф, тарбияту тамаддун!...

*Кас нахорад пушти ман,*
*Ҷуз нохуни ангушти ман!...”*

Дар баробари мактабу маориф ӯ аз забон низ ҳимоят карда, дар мақолаи “Шуъбаи форс дар ҳузури идораи корҳои миллӣ” оид ба вазифаи ин шуъба, ки роҳбараш худи ӯ буд ва нақши забон дар ҷомеаи миллӣ менависад: “Забон рукни азими миллат аст, ки ба маҳзи гум шудани забон ҳамон миллат, ки мутакаллим ба он забон аст, гум ва нопадид хоҳад шуд. Ҳеч миллате дар дунё наметавонад ҳастӣ ва мавҷудияти худро таъмин кунад, магар бо нигоҳдорӣ ва муҳофизати забони модарии худ. Аз ин рӯ, ҳар миллат ҳақ дорад забони модарии худро гиромӣ дорад, азиз шуморад, муҳофизат кунад, то ки аз вартаи инқироз ва нобудӣ худро халос намояд”.

Саидризо Ализода яке аз аввалин муаллифони китоби дарсии “Сарфу наҳви забони тоҷикӣ” ва ҳаҷвнигор буда, мақолаҳои ҳаҷвиашро дар ҳафтавори “Шуълаи инқилоб” ва нашрияҳои баъдӣ таҳти унвони “Тозиёна” ва аксаран бо имзои «Занбӯр» ва «Чарандгӯй» чоп кардааст. Аввалин гӯшаи ҳаҷвиро дар матбуоти тоҷик Ализода дар ҳафтавори “Шуълаи инқилоб” таъсис дода ва ба он “Тозиёна” ном ниҳодааст.

Тамоюли фикрии С. Ализода дар навиштаҳои ҳаҷвиаш хусусияти худшиносиву худогоҳии миллӣ дошта, дар он рӯзгор ба мақсади баланд бардоштани худшиносии миллӣ равона карда шудааст. Аз ҷумла, муаллиф дар ин гуна ҳаҷвияҳояш дурӯягиву замонасозии тоифаи мардумро зери тозиёнаи танқид гирифта, нашинохтан ва қадр накардани манфиатҳои миллиро ҷурми нобахшиданӣ медонад.

Он чӣ дар бораи Сайидризо Ализода ва осори ӯ гуфтем, кам аст. Доираи фаъолияти адабиву рӯзноманигории ӯ хеле васеъ буда, ба омӯзиш ва арзёбии ҷудогона ниёз дорад. Чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии ин марди шариф, ки аз замони «каҷдору марез» наҳаросида аз забон, мактабу маориф, худшиносиву худогоҳии миллӣ ҳимоят кардааст, дар ҳилоли навиштаҳояш азизи мардуми огоҳ боқӣ хоҳад монд.

**Ҷумъа ҲАМРОҲ,**
**мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори фанҳои филология, профессор.**

*Ибтидои ман — деҳи хурди Мазор,*
*Интиҳои ман — ҷаҳони беканор.*
***Лоиқ ШЕРАЛӢ***

# Ба ифтихори зодрӯзи Лоиқ Шералӣ

## ГУЛЧИН АЗ «ҶОМИ ХАЙЁМ»-И ШОИР

*Мо ҳалқаи байни аввалу анҷомем,*
*Парвардаи асри бисту шири хомем.*
*Хайём кӣ гуфта буда безурёте,*
*Модом, ки мо шаҳписари Хайёмем.*

***

*Чун барқ яке дурахш андар афлок,*
*Бо дидаи оташину андешаи пок.*
*Монанди уқоб дар само бояд мурд,*
*Ҳарчанд ки оқибат фурӯ оӣ ба хок.*

***

*То ном физоӣ, нафси худро кам кун,*
*Одамгарӣ кун, валек бо одам кун.*
*Мегуфт даравгаре ба ман вақти дарав,*
*Чун хӯшаи гандум ба замин сар хам кун.*

***

*Ин умр, ки дар паноҳи худ мегузарад,*
*Бо айби худу гуноҳи худ мегузарад.*
*Аз бом фитад яке, яке аз гардун,*
*Ҳар кас зи ҷаҳон ба роҳи худ мегузарад.*

***

*Бо оби ҷабин кунем таъмири замин,*
*Бо ақл раво кунем тадбири замин.*
*Дар рӯйи замин қадам ниҳодан саҳл аст,*
*Ё тири замин шавем, ё зери замин!*

***

*Чандон нахурам бода, ки гардам беёд,*
*Наъра накашам, ки зиндагӣ доду надод.*
*Нанг аст ба мастӣ шуҳра гаштан, аммо*
*Ҳар кас, ки чу Хайём хӯрад нӯшаш бод!*

## ДАР БУЗУРГДОШТИ УСТОД ЛОИҚ

Лоиқ касест, ки шеъри муосири тоҷикро ба асолати азалиаш баргардонд. Вай дар ин роҳ кӯшишҳои нотамоми устодон Садриддин Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва Мирзо Турсунзодаро тамомӣ бахшид. Ӯ миёни шеъри имрӯзи тоҷикӣ ва осори мондагори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлавӣ, Соиб ва Бедил пуле эҷод кард.

**Абдунабӣ САТТОРЗОДА,**
**профессор.**

***

Лоиқ дар Сурхондарё бо лақаби «Ҳазрати Лоиқ» шуҳрат дорад. Ба ҳар ҳол ман дар дарсҳои намунавии чандин муаллимони ноҳияи Сариосиё ва Бойсун иштирок карда, муттафиқ шудам, ки онҳо ҳангоми суҳбат ва гуфтугӯ бо хонандагони хоса аз эҷодиёти Лоиқ мисолҳо оварда, ӯро бо унвони Ҳазрат ба забон мегирифтанд...

Барои устод Лоиқ мафҳуми маҳал ва хешгароӣ бегона буд ва ӯ душмани қаттоли ин гуна заҳрпечакҳои ба ҷомиа зараровар буд. Ӯ чун фарзанди тоҷик фарзанди миллат аст ва ба ҳамаи беш аз сад миллион нафар мардуми форсизабони дунё тааллуқ дорад.

**Аҳмад АБДУЛЛОЕВ,**
**профессор.**

***

Як нишона ё аломати возеҳи шахсият ва шеъри шоир вирди забони хосу ом будани шеъри ӯ, маҳсули қалами ӯст. Аз ҳамин нигоҳ, яъне гардиши шеъри муосир дар иҷтимоъ метавон шоирони муосирро ба ду даста ҷудо кард: онҳое, ки шеърашон дар китобҳо сабт шуда, аммо ба хазинаи таърих рафтаанд, ба ҷуз муҳаққиқони шеър ва мутахассисони адабиёт дар ёду хотири умум нестанд. Шумораи ин гуна шоирон ниҳоят зиёд аст. Гурӯҳи дуюмро шоироне ташкил медиҳанд, ки бино ба камоли ҳунари шоирӣ маҳбубияти хос миёни мардум доранд.



Устод Муъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ аз ҳамин тоифаи суханваронанд.

**Ҳафиз РАҲМОН,**
**файласуф ва адабиётшинос.**

***

«Бояд ба эҷодиёти устод Лоиқ чун ба як адабиёт муносибат кард»

***

*Ишқро ошиқ кунед,*
*То сӯзи ошиқро бидонад.*
*Шеърро шоир кунед,*
*То дарди Лоиқро бидонад.*

**ГУЛНАЗАР,**
**Шоири халқии Тоҷикистон.**

***

*Аз шеъри ту бӯйи ватанам меояд,*
*Хушбод ба гулбоғи танам меояд.*
*Ҳар қадр, ки шеъри ту равад болотар,*
*Шаҳбозсифат пар заданам меояд.*

**Ҷонибек ҚУВНОҚ**

***

*Салом, эй рафтанат ташрифи дигар,*
*Салом, урдубиҳишти тозаву тар.*
*Салом, эй лоиқи имрӯзу фардо.*
*Салом, эй шоири хуршеду дарё.*
*Надорам захра то гӯям видоят,*
*Қасам бар будани беинтиҳоят.*
*Падарҷон, қалби танҳоям ятим аст,*
*Дилам дил нест, як гӯри азим аст.*
*Дилам дил нест, абри ҳарзагард аст.*
*Дар ин мурдод бас сард асту сард аст.*

**Фарзонаи ХУҶАНДӢ**

***

*Чун ишқ будаст ошиқи ҳастии ту,*
*Дар шоирӣ шуҳра шуд забардастии ту.*
*Эй Лоиқи масти шеър, бинҳуфта будаст.*
*Ҳушёрии шоирона дар мастии ту.*

***

*Дар маҳфили рӯзи ёдбудат, Лоиқ.*
*Гуфтем зи ҷону дил дурудат, Лоиқ.*
*Хондем ба сози «Офтобборон»-ат,*
*Байту ғазалу шеъру сурудат, Лоиқ.*

***Фарзон НАЗРӢ***

Таҳияи ***КОМРОН.***

***Имрӯзҳо бахшида ба 81-солагии зодрӯзи шоири ширинкаломи тоҷик Лоиқ Шералӣ шабнишиниҳои адабӣ, гирдиҳамоиҳои маънавию маърифатӣ баргузор мегарданд.***

# «АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ...»

Дар Маркази милливу фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ низ бо иштироки сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон А. Раҳмонзода, раиси Кумитаи оид ба муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷӣ Р. Қурбонов, писари шоир Диловари Лоиқ бо ҳамсараш, шоирону нависандагон, раисони марказҳои милливу мадании вилоятҳо, донишҷӯён, хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва дӯстдорони каломи бадеъ чорабинии адабию маърифатӣ бо номи “Аниси кунҷи танҳоӣ...” баргузор гардид.

– Ман дар тӯли фаъолияти кӯтоҳам дарк намудам, ки тоҷикони Ӯзбекистон хеле фарҳангдӯст ва маърифатпarваранд. Ёдбуди шоир Лоиқ Шералӣ дар гӯшаву канори кишвар, дар мактабу муассисаҳои таълимӣ, марказҳои милливу фарҳангӣ, ҳатто дар ҷамъомадҳои оддии дӯстон низ бо як руҳияти болида барпо мегардад. Албатта, мо бо шеъри Лоиқ ба модар меҳри фарзандии худро ирсол менамоем, ғаму ташвиш ва бедорхобиҳои ӯро аз шеъри шоир дарк менамоем, ба маҳбубаи худ муҳаббат изҳор менамоем, ба дӯсту бародари худ салому паём мефиристем. Вақте ашъори устодро варақ мезанем, дар қалби мо садоқат ба Ватан, ба забону миллат ҷӯш мезанад, – гуфт сафир А. Раҳмонзода.

Писари шоир Диловари Лоиқ низ аз ин гиромидошту маҳбубиятҳои шогирдон ва ҳаводорони падараш изҳори сипос намуд.

Дар чаҳорчӯби чорабинӣ тақдимоти китобҳои тозанашр аз силсилаи “Накҳати сухан” низ ба миён омад. Хонандагони мактабҳои миёна ва донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ аз ашъори шоир шеърҳо қироат намуданд. Дар монитор аз ҳаёт ва фаъолияти шоир наворҳо нишон дода шуд ва гӯё бори дигар устоди сухан дар байни ҳаводорони адаб зинда гардид.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

# Ёде аз Лоиқи дилҳо

***Аз он фахрам, ки баъди ман бигӯянд,***
***Замоне дар замин як Лоиқе буд.***

Мо дар сарзамини шоирони номдор зиндагӣ дорем. Аз асосгузори назми классики форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то сардафтари адабиёти муосири тоҷик Устод Айнӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо чунин суханварон ва донишмандони мумтозе шуҳрат афкандаанд, ки аз нури ақлу хиради онҳо дунёи дили инсонияти пешқадам мунаввар гардидааст.

Лоиқ Шералӣ аз зумраи ҳамин гуна шоирон аст. Шоир анъанаҳои адабиёти оламшумулро давом дода ва худ низ дар ҷода комёб гаштааст. Ӯ умри худро ба миллати хеш ва то дами вопасини умр бо халқи худ ҳамнафас будан бахшидааст. Ӯ шоире буд, ки қадру қимати модарро аз дигарон хубтару бештар фаҳмид. Ин буд, ки “Модарнома”-и ӯ китоби рӯимизии ҳар яки мост. Лоиқ дар зиндагиаш бо шеъраш дар дили ҳазорон мухлисон маъво гирифту пайкара гузошт. Ин буд, ки ягон анҷуману базмҳои мо бе шеъри ӯ ҳусн надорад.

Дар мактаби рақами 9-уми ноҳияамон бахшида ба 81-солагии Лоиқ Шералӣ чорабинӣ баргузор гардид. Дар он саволу ҷавоб, намоиши саҳнаҷаҳо, қироати шеър ва озмуни «Ҳарфҳо ба сухан меоянд» ба тамошобинон писанд гардид. Рақсу сурудҳои миллӣ маҳфилро ҳусни тоза бахшид.

Набояд фаромӯш кард, ки мо ворисӣ ӯем. Пас бояд саъй намоем, ки бо амали хеш вориси арзанда бошем.

*Лоиқ, Лоиқ нумӯи миллат боқист,*
*Мастии ту дар сабӯи миллат боқист,*
*Аз гӯши гарони нокасон боке нест*
*Фарёди ту аз гулӯи миллат боқист.*

**Сулаймон СОДИҚ,**
*ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.*

# РАМЗИ КАМОЛОТ

## Ё ХУД ҚИССАИ ЧӢ ТАВР ДАР ХОНАДОНИ АЛИМАТОВ МОНДАНИ ТАНБӮРИ ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ҳақиқатан ҳам диди бузурги мусиқӣ ва маҳорати баланди Ҳоҷӣ Абдулазиз дар навозиши танбӯру дутор ва хониши таронаҳои классикӣ яке аз пайравон ва ҳаводорони ашаддиаш Турғун Алиматовро сахт мафтун мекард.

Худи Турғунбобо, тавре ишора рафт, дар баробари Шобарот танбӯрчӣ, Рӯзматхон танбӯрчӣ, Султонхон Ҳакимов, Мақсудхоҷа Юсуфов, Ёқуб Давидов ва дигар созандагони маъруф аз қатори беҳтарин оҳангсозҳо ҷой гирифт. Ҳунари волои худро ба Ҳасан Раҷабӣ, Маҳмудҷон Тоҷибоев (ҳарду ҳофизи мардумӣ), Абдулло Умаров, Тоир Қӯзиев, Иброҳим Самадов, Муҳаммадҷон Маматқориев ва дигар шогирдон омӯзонд. Дар давоми фаъолияти эҷодӣ бо Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев барин нобиғаҳои мусиқии тоҷик аз наздик ҳамкорӣ намуд. Ҳамкории ӯ, хусусан, бо Маҳмуд Воҳиди нотакрор, ки асосгузори театри «Як актёр» эътироф шудааст, қобили таваҷҷӯҳ. Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон М. Воҳидов намоишҳои “Гуфтугӯ бо худ” (аз рӯйи рубоиёти Умари Хайём, 1967) ва “Ишқи зиндагӣ” (аз рӯйи ғазалиёти Ҳофиз, 1971)-ро омода сохт ва ибтидои солҳои ҳафтодум онҳоро дар фирмаи грамафонии Тошканд сабт кунонд. Ба садои марғуладори Маҳмуди Воҳид, дар лаҳзаҳое, ки мувофиқанд, Турғун Алиматов бо дутор, танбӯр ва сато “ҷӯр” шудааст.

Канда нашудани риштаҳо миёни шаҷарот дар рушду ривоҷи касбу кор, илму маърифат, маданияту санъат чизи муҳим аст. Иҷрогарӣ низ аз санъатҳоест, ки аз аҷдод ба авлод гузашта, сайқал ёфта омадааст. Дар мактаби хосе, ки Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон, дорандаи ордени “Буюк хизматлари учун”, профессор Турғун Алиматов офаридааст, пайвандонаш Алишер Алиматов ва Аброр Зуфаров низ сабақ бардоштаанд. Таҳсилкардаи Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон Аброр Зуфаров (1991-1996) алъон дар Донишкадаи санъати мусиқии миллии ба номи Юнус Раҷабӣ ба донишҷӯён дар самти иҷрогарии миллӣ таълим медиҳад. Вай таъкид месозад: “Бобоям ҳамеша бо рӯҳ ва қалби миннатдор аз устоди бузурги маънавиашон Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ кору эҷод карда ва дар ҷараёни иҷро ба услубу пандҳои бузургвор такя намудаанд. Ҳоҷиака рамзи камолот буданд бароям, ки ман як умр гӯё ҷонибашон майл намудаам, мегуфтанд...”

Шояд ҳамон танбӯри табаррукии Ҳоҷӣ Абдулазиз низ ба хонадони Алиматовҳо файз, хосияту шарофати дигар бахшид, тавфиқёбии аъзои оиларо дар иҷрогарии миллӣ сабаб гашт.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

**Иншооти нав**

# МАҶМӮИ НАВИ ВАРЗИШ

***Дар ҷумҳурӣ баҳри оммавӣ гардондани қариб ҳамаи навъҳои варзиш корҳо хеле назаррасанд. Ба хусус, пайи пурра амалӣ гардонидани панҷ ташаббуси муҳим чорабиниҳои зиёд доир мегарданд.***

Аз рӯи навъҳои гуногуни варзиш бо иштироки ҷавонони синнашон аз 18 то 30 сола аввал дар маҳалҳо қувваозмоиҳо баргузор мегарданд. Голибон бошанд, ба марҳилаи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, сипас вилоятиву ҷумҳурӣ роҳхат мегиранд.

Дар ҳудуди Донишгоҳи Sambhram-и Ҳиндустону Ӯзбекистони шаҳри Ҷиззах маҷмӯи нави варзишӣ қад афрохт. Барои бунёди он ғайр аз 1 миллиарду 500 миллион сӯм маблағи бонк соҳибкор Восит Исоқов 200 миллион сӯм сармояи худро харҷ кард.

Ҳоло дар ин ҷо барои ба гӯштӣ, таэквандо, ҷанги дастӣ, фитнес, тенниси рӯимиз ва навъҳои дигари варзиш шуғл варзидани қариб 300 нафар ҷавонон имконият фароҳам оварда шудааст.



Зимни маросими ба истифода супоридани маҷмӯъа дар бораи аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ дар ҳаёти мардум ҳарф заданд. Таъкид гардид, ки дар ҳамаи гӯшаву канори ҷумҳурӣ барои мунтазам ба варзиш шуғл варзидани ҷавонон шароити мусоид муҳайё мегардад ва пайи иҷрои панҷ ташаббуси муҳим чораву корҳо ба сомон мерасанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4857 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.